Дастуруламали кудакона барои хондани Китоби Муқаддас

Аввалин Калимаҳои

# Китоби Муқаддаси

Ман



Уильам О. Ноллер ва Кеннет Н. Тейлор

# **АВВАЛИН КАЛИМАҲОИ**
# КИТОБИ МУҚАДДАСИ МАН

Пешниҳод шудааст

Аз

Дар

*Барои ҳамаи кӯдакон ва набераҳои ҷаҳон тақдим шудааст.*

*Аввалин Калимаҳои*

# Китоби Муқаддаси

*Ман*

*Уильам О. Ноллер ва Кеннет Н. Тейлор*

Originally published in English under the title of *My First Bible Words.*
Published by Tyndale House Publishers.
© 1998 by William O. Noller.
© 2004 for the Tajik edition.
Translated by permission. All rights reserved.

# Мундарича

*Волидайни азиз — инчунин бобоён ва бибиҳо, холаҳо ва тағоҳо!*

**Китоби Муқаддас**

**Номҳои махсус барои Китоби Худо**
*Китоби Муқаддас 2, Калом 4, Навиштаҷот 6*

**Дар бораи Китоби Муқаддас чиро бояд донем?**
*Худо 10, Ҳақиқат (ростӣ) 12, Нусхабардорон 14, Лӯлапечҳо (дастнависи печондашуда) 16, Абадият 18*

**Дар Китоби Муқаддас чӣ ҳаст?**
*Таърих 22, Аҳком 24, Ваъдаҳо 26, Ҳикояҳо 28, Забур (Таронаҳо) 30, Пешгӯӣ 32, Инҷилҳо 34, Номаҳо 36, Аҳди Қадим (Кӯҳна) 38, Аҳди Ҷадид (Нав) 40*

**Худо ва одамон**

**Худо кист?**
*Офаридгор 44, Падари осмонӣ 46*

**Калимаҳое ки дар бораи Худо ба мо нақл мекунанд**
*Нек 50, Дӯстдоранда (пурмуҳаббат) 52, Пурқудрат (пурқувват) 54, Муқаддас 56, Бохирад (доно) 58, Дар ҳама ҷо 60*

**Он чи Худо офаридааст**
*Замин 64, Осмон 66, Растаниҳо 68, Моҳӣ 70, Паррандагон 72, Ҳайвонот 74, Одамон 76, Боғи Адан 78, Нек 80*

**Фариштаҳо**

**Фариштаҳои хуб ва бад**
*Фариштаҳо 84, Шайтон 86*

**Исо ва наҷот**

**Исо кист?**
*Исо 90, Наҷотдиҳанда 92, Худованд 94, Муаллим (Устод) 96*

**Таваллуди Исо**
*Чӯпонон 100, Байт-Лаҳм 102, Оғил 104, Охур (ҷои хӯроккӯрии ҳайвонот) 106, Мардҳои хирадманд (Мунаҷҷимон) 108*

**Зиндагии Исо**

*Носира 112, Куништ 114, Маъбад 116, Ерусалим **118**, Мӯъҷизаҳо 120, Чӯпони нек 122, Шогирдон 124, Намуна 126*

**Марги Исо**

*Салиб 130, Қабр 132*

**Баъди марги Исо**

*Зинда 136, Осмон 138, Бозгашт 140*

**Наҷот чист?**

*Наҷот 144, Наҷот 146, Бадӣ 148, Гуноҳ 150, Бахшидан 152, Имон 154, Зиндагии абадӣ 156*

**Чӣ хел қисми оилаи Худо шуда метавонам?**

*Бовар кардан 160, Афсӯс хӯрдан 162, Қабул кардан 164, Таваккал кардан 166*

## Рӯҳи Муқаддас

**Рӯҳи Муқаддас кист?**

*Рӯҳи Муқаддас 170, Маслиҳатдиҳанда 172, Ёрдамчӣ 174*

## Рӯҳи Муқаддас ва зиндагии масеҳӣ

**Роҳҳоеро нишон медиҳам, ки Рӯҳи Муқаддаси Худо ба ман ёрдам мекунад**

*Муҳаббат 178, Хурсандӣ (шодӣ) 180, Сулҳу осоиштагӣ 182, Тоқат 184, Меҳрубонӣ 186, Некӣ 188, Мулоимат (нармдилӣ) 190*

**Роҳҳои ба Худо маъқул шудан дар куҷое ки бошам**

*Итоат кардан 194, Дуо кардан 196, Мадҳ кардан 198, Шукр кардан 200, Бахшидан 202, Ёрдам кардан 204, Шаҳодат 206*

## Калисо

**Калимаҳо дар бораи калисо**

*Калисо 210, Калисо 212, Масеҳиён 214, Шубон 216, Мавъиза кардан 218, Роҳбарон 220*

**Корҳое мо дар калисо мекунем**

*Парастиш 224, Дуоҳо 226, Суруд хондан 228, Сурудҳои мадҳия 230, Қурбонӣ кардан 232, Гӯш кардан 234, Омӯхтан 236, Таъмид 238, Шоми Худованд 240, Ҳамкорӣ кардан 242*

*Номгӯйи Калимаҳо бо тартиби алфавит 244*

*Дар бораи Муаллиф 246, Дар бораи Иллюстратор*

# Волидайни азиз — инчунин бобоён ва бибиҳо, холаҳо ва тағоҳо!

Ин китоб роҳест барои шинос кардани кӯдаки шумо бо калимаҳое ки ҳақиқатҳои бузурги Китоби Муқаддас ва имони масеҳиёнро мефаҳмонад.

Ин китоби ҳикояҳои Библия нест, балки китоби калимаҳои Китоби Муқаддас аст, ки маънидодҳо ва таълимотеро дар бар мегирад, ки ҳар яке бар калимаҳои Китоби Муқаддас асоснок карда шудаанд.

Ин китоб мефаҳмонад, ки ҳар як калима чӣ маъно дорад ва чӣ хел он ба кӯдаки шумо дахл дорад. Он бо ҷумлаҳои содда сохта шудааст, то кӯдаки майдаи шумо онро фаҳмида тавонад ва ба ӯ маъқул шавад.

Иҷозат диҳед минбаъд фарқият байни ин китоб ва Китоби ҳикояҳои Китоби Муқаддасро фаҳмонем. Китоби ҳикояҳои Китоби Муқаддас дар бораи қадаммонии Исо ба болои об дар Баҳри Ҷалил нақл карда метавонад. Аввалин калимаҳои Китоби Муқаддаси ман мефаҳмонад, ки Исо кадом мӯъҷизаро карда буд ва Исо инро карда метавонад, чунки Ӯ Писари Худо аст. Китоби ҳикояҳои Китоби Муқаддас инчунин дар бораи Исо дар маъбад, дар Ерусалим, вақте ки Ӯ 12-сола буд, нақл карда метавонад. Аввалин калимаҳои Китоби Муқаддаси ман мегӯяд, ки маъбад чӣ буд — ҷои махсус барои парастиши Худо. Он инчунин мегӯяд, ки калимаи „*парастиш*“ чӣ маъно дорад ва он мефаҳмонад, ки кӯдаки шумо бояд Худованди моро парастиш кунад. Барои ҳамин ин китоби майда аз таълимот ва маънидоди калимаҳои Китоби Муқаддас пур аст.

Шумо метавонед ба кӯдакатон барои фаҳмидани маънои *бовар кардан, боварӣ доштан, бахшидан ва шоҳид* ёрдам кунед. Шумо ба воситаи маъноҳои ин китоб фаҳ мидани мавзӯъҳои асосии масеҳиён, ба монанди Китоби Муқаддас, Худо, Исо, гуноҳ, наҷот, зиндагии масеҳӣ ва калисо ба онҳо ёрдам карда метавонед. Ҳар чизҳое ки дар Эътирофномаи Расулҳо баён шуданд, дар ин китоб дохил шуданд.

Бигзор Худои Рӯҳулқудс ин китобро барои фаҳмидани ҳақиқати рӯҳонӣ дилҳои зиёди хурдсолонро истифода барад.

*Уиллиам О. Ноллер*
*Кеннет Н. Тэйлор*

# Китоби Муқаддас

## Номҳои махсус барои Китоби Худо

# Китоби Муқаддас

Калимаи Библия маънои „китобҳо“-ро дорад. Дар Китоби Муқаддас бисёр китобҳо ҳастанд. Ҳамаи онҳо якҷоя як китоби махсусро ташкил медиҳанд — Китоби Худо. Дар Китоби Муқаддас Худо ба мо дар бораи Худаш гап мезанад. Ӯ ба мо мегӯяд, ки Ӯ моро бисёр дӯст медорад ва Ӯ мегӯяд, ки чӣ хел бояд мо зиндагӣ кунем.

Мо ҳама чизро дар бораи Худо ва муҳаббати Ӯ дар Китоби Муқаддас омӯхта метавонем. Худо мегӯяд, ки Китоби Муқаддасро мустақим нигоҳ кунед — онро хонед ва дар бораи Ӯ омӯзед (Ишаъё 34:16).

Чаро Китоби Муқаддас китоби махсус аст?




*Раҳмат ба Ту Худо, барои китоби махсусат,*
*Китоби Муқаддас. Ман хурсандам,*
*ки Ту дар китоби Худ ба мо мегӯӣ,*
*ки моро дӯст медорӣ. Омин.*

# Калом

Китоби Муқаддас аз гапҳои Худо пур аст. Бинобар ин мо Китоби Муқаддасро Калом ё Каломи Худо меномем.

Дар он Худо бо шумо гап мезанад ва ба шумо мегӯяд, ки Ӯ чиро мехоҳад, то шумо донед.

Дар Каломи Худо яке аз чизҳое ки Худо ба шумо мегӯяд, ин аст, ки Ӯ „ҳамеша тайёр аст дар вақтҳои тангӣ ёрӣ диҳад“ (Забур 46:1).

Китоби Муқаддасро ба дасти худ гиред. Ба он нигоҳ карда, онро кушоед. Ин китобе ки шумо дар даст доред, аз гапҳои Худо пур аст.



*Худои азиз, раҳмат ба Ту барои бисёр чизҳои хубе ки дар Каломи Ту, Китоби Муқаддас ба ман гуфта шудаанд. Омин.*

# Навиштаҷот

Шумо дар ёд доред, ки баъзан мо Китоби Муқаддасро Каломи Худо меномем? Номи дигар барои Китоби Муқаддас Навиштаҷот аст, ки „навиштаҳо“-ро мефаҳмонад. Вақте ки мо дар бораи Навиштаҷот гап мезанем, мо навиштаҳои Худоро дар назар дорем. Тамоми Китоби Муқаддас аз тарафи Худо навишта шудааст.

Китоби Муқаддас ба мактубе аз тарафи Худо монанд аст. Он ба тамоми халқи Ӯ навишта шудааст. Он барои шумо навишта шудааст.

Калимаи Навиштаҷот чиро мефаҳмонад?



*Худои азиз, ман ҳақиқатан ҳам ҳикояҳои Китоби Муқаддасро дӯст медорам. Ман хурсандам, ки тамоми Навиштаҷот аз тарафи Ту навишта шудааст. Раҳмат ба Ту, ки онро барои мо навиштаӣ. Омин.*

# Китоби Муқаддас

## Дар бораи Китоби Муқаддас чиро бояд донем?

# Худо

Китоби Муқаддас дар бораи Худо ба мо нақл мекунад. Ман метавонам ҳикояҳои Китоби Муқаддасро гӯш кунам ва дар бораи Худо биомӯзам. Ман метавонам омӯзам, ки Худо ҳамеша зинда аст. Ҳеҷ кас пеш аз Ӯ зиндагӣ накардааст. Китоби Муқаддас инчунин ба мо мегӯяд, ки Худо моро бисёр дӯст медорад ва мехоҳад, ки мо хушбахт ва хуб бошем.

Ман хурсандам, ки Китоби Муқаддас моро дар бораи Худо меомӯзонад. Ӯ метавонад дӯсти беҳтарини ман бошад, барои ҳамин ман мехоҳам Ӯро беҳтар ва беҳтар донам!

Ду чизе ки Китоби Муқаддас дар бораи Худо ба мо мегӯяд, кадомҳоянд?



*Худои азиз, барои ҳамаи он чизе ки ман дар бораи Ту аз Китоби Муқаддас омӯхта метавонам, ташаккур мегӯям.*

# Ҳақиқат (ростӣ)

Китоби Муқаддас ҳақиқат аст. Ин маънои онро дорад, ки ба он чизе он мегӯяд, бовар карда метавонем. Мо ба Китоби Муқаддас бовар карда метавонем, чунки онро Худо ба мо додааст. Худо мехоҳад, ки мо Китоби Муқаддасро гӯш кунем, бовар кунем, ки он ҳақиқат аст ва ба он итоат кунем.

Оё шумо ягон бор шунидаед, ки касе мегӯяд: „Ин ҳақиқат нест, ман ба он бовар намекунам“? Вале чизе ки Китоби Муқаддас мегӯяд, ҳақиқат аст. Мо ба ҳар он чизе ки он мегӯяд, бовар карда метавонем.

Кадом китоб ба мо фақат ҳақиқатро мегӯяд?



*Худованд Худо, ман бисёр хурсандам,*
*ки ман ба он чи Китоби Муқаддас мегӯяд,*
*бовар карда метавонам.*

# Нусхабардорон

Дар вақтҳои Библия (Китоби Муқаддас) барои чоп кардани Китоби Муқаддас асбобҳои чопкунӣ набуданд. Ҳар як калима бо даст нусхабардорӣ шуда буд. Одамоне ки Китоби Муқаддасро нусхбардорӣ мекарданд, нусхабардорон номида шудаанд.

Одамони Китоби Муқаддас медонистанд, ки Каломи Худо муҳим буд. Барои ҳамин нусхабардорон ҳар калимаи онро дар вақташ нусхабардорӣ карданд.

Модаратон метавонад нусхабардор шавад ва ин калимаҳоро барои шумо чоп кунад: *Худо моро дӯст медорад.* Шумо чӣ фикр мекунед, навиштани ҳамаи ин калимаҳо дар Китоби Муқаддас чӣ қадар вақти модари шуморо мегирад, чуноне ки нусхабардорон мекарданд?



*Худои азиз, раҳмат ба Ту, барои он ки ман метавонам аз Китоби Муқаддас нусхаи худамро дошта бошам. Ба номи Исо. Омин.*

# Лӯлапечҳо

## (дастнависи печондашуда)

Одамони Китоби Муқаддас китобҳо надоштанд. Калимаҳо дар лӯлапечҳо навишта шуда буданд. Онҳо монанди варақҳои коғази дароз буданд, ки лӯлапеч шуда буданд. Нусхабардорон Каломи Худоро дар лӯлапечҳои Китоби Муқаддас менавиштанд.

Худо барои бехатар нигоҳ доштани лӯлапечҳои Китоби Муқаддас ёрӣ медод. Ҳоло мо калимаҳоро аз ин лӯлапечҳо дар Китоби Муқаддаси худ дорем!

Ягон касро хоҳиш кунед, ки аз Китоби Муқаддас ояти дӯстошаатонро дар варақи коғаз чоп кунад. Баъд онро монанди лӯлапеч печонед.



*Худои азиз, барои мошинҳое (техникае)*
*ки Китоби Муқаддасро тез чоп мекунанд,*
*раҳмат мегӯям. Ҳоло ҳар як кас метавонад*
*Китоби Муқаддас дошта бошад. Раҳмат ба*
*Ту барои Китоби Муқаддаси ман ё Китоби*
*калимаҳои Китоби Муқаддаси ман.*

# Абадият

Абадият ҳамеша аст. Каломи Худо, Китоби Муқаддас, то абад давом мекунад. Мо ҳамеша Китоби Муқаддасро дошта метавонем, то ба мо барои донистани он чи рост аст, ёрдам кунад. Мо ҳамеша Каломи Худоро дошта метавонем, то барои донистан дар бораи муҳаббати Ӯ ба мо ёрдам кунад.

Вақте ки бобоён ё бибиҳои бузурги шумо ҳанӯз кӯдак буданд, Каломи Худо дар ин ҷо буд. Каломи Худо ҳоло дар ин ҷо хоҳад буд, вақте ки шумо калон мешавед ва фарзанддор мешавед. Каломи Ӯ ҳеҷ гоҳ кӯҳна намешавад.

То кай мо Каломи Худоро дошта метавонем?



*Худованд, ман ба Ту раҳмат мегӯям, зеро ваъдаҳое ки дар Китоби Муқаддас ҳастанд, то абад рост хоҳанд буд. Омин.*

# Китоби Муқаддас

## Дар Китоби Муқаддас чӣ ҳаст?

# Таърих

Ҳикоят оиди он ки одамон дар замонҳои қадим чӣ хел зиндагӣ карда буданд, таърих ном дорад. Китоби Муқаддас таърихи халқи Худоро дорад. Худо мехоҳад, ки одамон дар бораи Ӯ донанд. Барои ҳамин Ӯ дар бораи одамоне ба монанди Иброҳим ва Соро навишта буд, то ба мо барои донистани он ки чӣ қадар Ӯ моро дӯст медорад ва чӣ қадар мо Ӯро дӯст дошта метавонем, ёрдам кунад.

Модар ва падаратон ба шумо дар бораи он гуфта метавонанд, ки вақте онҳо кӯдак буданд, онҳо чӣ кор мекарданд. Китоби Муқаддас нақл мекунад, ки одамон вақтҳои пеш чӣ кор мекарданд.

Шумо дар бораи Худо аз одамони Худо чиро омӯхта метавонед?



*Раҳмат ба Ту, Худои азиз, барои ҳикояҳои Китоби Муқаддас. Ман медонам, ки онҳо вақтҳои пеш ба амал омада буданд, вале Ту мехоҳӣ, то мо аз онҳо омӯзем. Омин.*

# Аҳком

Худо медонад, ки чӣ чиз барои мо беҳтар аст, барои ҳамин Ӯ ба мо қоидаҳои махсусро дод, ки аҳком ном доранд. Ин қоидаҳо ба мо мегӯянд, ки чӣ хел Худо ва якдигарро дӯст бидорем. Мисол, ба мо фармон дода шудааст, ки ҳар ҳафта рӯзи махсусро барои парастиши Худо дошта бошем. Ва мо бояд ба волидайни худ итоат кунем. Ва мо набояд дуздӣ ва дурӯғгӯӣ кунем.

Ин аст он чизе ки Худо дар бораи қоидаҳои худ гуфта буд: „Онҳоро биомӯзед ва саъю кӯшиш намоед, ки онҳоро ба ҷо оваред!“ (Такрори шариат 5:1).

Яке аз аҳкоми Худо кадом аст?



*Худои азиз, илтимос, барои иҷро кардани аҳкоми худ ба ман ёрдам кун, ҳатто вақте ки ман инро намехоҳам. Раҳмат барои донистани он чизе ки барои мо беҳтар аст. Ба номи Исо. Омин.*

# Ваъдаҳо

Вақте ки одамон ваъда медиҳанд, ин маънои онро дорад, ки онҳо он чизеро, ки мегӯянд, бояд иҷро кунанд. Китоби Муқаддас ба мо дар бораи ваъдаҳои Худо нақл мекунад. Худо ваъда дод, ки ба мо ёрдам мекунад, агар мо ба Ӯ итоат кунем. Ӯ ваъда дод, ки ҳама чизеро, ки ба он мӯҳтоҷ ҳастем, ба мо медиҳад. Ӯ ваъда дод, ки ҳеҷ гоҳ моро тарк намекунад.

Баъзан барои одамон иҷро кардани он чизе ки мегӯянд, душвор аст. Вале Худо ҳамеша ваъдаҳои Худро иҷро мекунад. Китоби Муқаддас мегӯяд: „Ба бандаи Худ, эй Худованд, мувофиқи каломи Худ некӣ кардаӣ“ (Забур 118:65).

Кӣ ҳамеша ваъдаҳои худро иҷро мекунад?



*Худованди азиз, ташаккур барои иҷро кардани ҳамаи ваъдаҳоят. Омин.*

# Ҳикояҳо

Дар Китоби Муқаддас бисёр ҳикояҳо ҳастанд. Ҳамаи онҳо он чизеро, ки ҳақиқат аст, меомӯзонанд. Баъзеи онҳо дар бораи халқи Худост. Ҳодисаҳо дар бораи чизҳои хуб ва баде ки одамон карда буданд, нақл мекунанд. Онҳо нақл мекунанд, ки чӣ хел Худо ба халқи Худ меҳрубон буд ва ба онҳо ёрдам мекард. Баъзе ҳодисаҳо дар бораи Исо ва он чизе ки Ӯ мекард, буданд.

Умуман ҳикояҳо шавқовар ҳастанд. Вале ҳикояҳо дар Китоби Муқаддас аз он ҳам беҳтаранд! Онҳо ҳақиқат ҳастанд ва онҳо ба мо дар бораи Худо меомӯзанд.

Дар бораи яке аз ҳикояҳои дӯстдоштаи библиявии худ нақл кунед.



*Раҳмат ба Ту, Худовандо, барои ҳикояҳои ҳақиқие ки дар бораи Нӯҳ ва Довуд, Эстер ва Исо ва ҳамаи дигарон ҳастанд. Ман омӯхтани ҳикояҳоро аз Китоби Муқаддас дӯст медорам. Омин.*

# Забур (Таронаҳо)

Як китоб дар Китоби Муқаддас китоби Забур мебошад. Забур сурудҳо ва достонҳое мебошанд дар бораи Худо ва он ки чӣ хел Ӯ ба мо ёрдам мекунад. Онҳо ба мо ёдрас мекунанд, ки Худоро барои бузург ва хуб будан шукргузорӣ кунем. Подшоҳ Довуд Худоро бисёр дӯст медошт ва бисёре аз таронаҳоро ӯ навиштааст.

Ягон касро барои ёрдам дар хондани Забур 23 дар Китоби Муқаддаси худ хоҳиш кунед. Шумо меомӯзед, ки Довуд гуфта буд, ки Худо чӯпони ӯ буд.

Чӯпон барои гӯсфандон ғамхорӣ мекунад. Шумо метавонед Худоро барои хуб ғамхорӣ кардан ба шумо, чуноне ки чӯпон барои гӯсфандони худ ғамхорӣ мекунад, шукр гӯед.



*Худои азиз, ман Туро дӯст медорам. Ту чунон бузург ва пурқудрат ҳастӣ, ва Ту барои ман хуб ғамхорӣ мекунӣ. Раҳмат ба Ту. Омин.*

# Пешгӯӣ

Пешгӯӣ хабарест дар бораи чӣ бояд рух диҳад. Танҳо Худо медонад, ки чӣ ҳодиса рух медиҳад. Ӯ хабарҳои пешгӯиро барои одамони Китоби Муқаддас, ки пайғамбарон номида мешуданд, медод. Пеш аз таваллуд шудани Исо пайғамбарон дар Китоби Муқаддас навишта буданд, ки Ӯ барои зиндагӣ кардан ба замин бояд меомад.

Мо намедонем, ки пагоҳ ё рӯзи дигар чӣ рух медиҳад. Вале Худо медонад, барои ҳамин мо дар бораи ин ташвиш накашем.

Ба ҳар як пайғамбар барои донистани он ки чиро нависад, кӣ ёрдам кардааст?



*Падари Осмонии азиз, раҳмат ба Ту барои гуфтани он ки чиро Ту мехоҳӣ, то мо донем ва кай Ту мехоҳӣ, ки мо донем! Омин.*

# Инҷилҳо

Калимаи *инҷил* маънои „хабарҳои хуш“-ро дорад. Чор китоби Китоби Муқаддас Инҷил ном доранд. Онҳо хабарҳои хушро дар бораи Исо нақл мекунанд. Инҷил аз тарафи чор мард (шахс) навишта шуда буд. Номҳои онҳо Матто, Марқӯс, Луқо ва Юҳанно буданд.

Исо кӯдаконро дӯст медорад. Ин хабари хуш аст! Шумо дар бораи муҳаббати Ӯ дар Инҷилҳо хонда метавонед (Марқӯс 10:13–16).



*Худои азиз, Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Исо моро дӯст медорад. Ин хабари бисёр хуб аст! Раҳмат ба Ту. Омин.*

# Номаҳо

Одамон ба дӯстоне ки бисёр дур зиндагӣ мекунанд, нома менависанд. Китоби Муқаддас номаҳое дорад, ки аз тарафи одамоне ки Исоро дӯст медоранд, навишта шудаанд. Худо ба онҳо гуфт, ки чиро нависанд. Онҳо номаҳоро ба одамони калисоҳое ки бисёр дур буданд, мефиристоданд. Он гоҳ одамон мефаҳмиданд, ки Худо чӣ мехост, то онҳо бикунанд.

Вақте ки мо номаро мегирем, мо худро одами махсус ҳис мекунем. Ин маънои онро дорад, ки касе барои ба мо нома навиштан вақт сарф кардааст. Худо фикр мекунад, ки мо ниҳоят махсус ҳастем. Дар Китоби Муқаддас ба мо барои хондан номаҳои бисёр ҳастанд.

Ягон касро хоҳиш кунед, то барои хондани номаи Павлус, ки ба дӯстонаш навишта буд, ба шумо ёрдам кунад (Эфсӯсиён 4:32).



*Худои азиз, раҳмат ба Ту барои номаҳое ки
одамони Китоби Муқаддас навишта буданд.
Ман бисёр хурсандам, ки Ту мехостӣ,
то номаҳо дар Китоби Муқаддас бошанд.
Ба номи Исо дуо мекунам. Омин.*

# Аҳди Қадим (Кӯҳна)

Қисми якуми Китоби Муқаддас Аҳди Қадим ном дорад. Он пеш аз таваллуди Исо навишта шуда буд. Аҳди Қадим бисёр ҳикояҳоро дар бораи чунин одамон, ба монанди Нӯҳ, Иброҳим, Юсуф, Мусо, Рут ва шоҳ Довуд дорад.

Вақте ки Аҳди Қадимро мехонем, мо дар бораи бисёр чизҳое ки бо халқи Худо рух дода буд, меомӯзем. Мо инчунин Забур ва Китобҳои пешгӯиро хонда метавонем.

Оё Аҳди Қадим пеш ё баъди таваллуди Исо навишта шуда буд?




*Худовандо, барои тамоми Китоби*
*Муқаддасат ба Ту раҳмат мегӯям.*
*Раҳмат ба Ту барои ҳамаи он чизе ки ман*
*аз он омӯхта метавонам. Омин.*

# Аҳди Ҷадид (Нав)

Қисми дуюми Китоби Муқаддас Аҳди Ҷадид (Нав) ном дорад. Он баъди таваллуди Исо навишта шуда буд. Аҳди Ҷадид ҳикояҳо дар бораи Исо дорад. Дар он инчунин ҳикояҳо дар бораи одамоне ки Исоро дӯст медоштанд, ба монанди Петрус ва Юҳанно ҳастанд. Ва дар он номаҳои одамоне ба монанди Павлус ҳастанд.

Аҳди Ҷадид қисми хеле махсуси Китоби Муқаддас аст. Мо метавонем ҳама чизро дар бораи Исо аз ҳикояҳо ва номаҳое ки дар он ҳастанд, биомӯзем.

Оё Аҳди Ҷадид пеш ё баъди таваллуди Исо навишта шуда буд? Аҳди Ҷадид кай навишта шуда буд?



*Раҳмат ба Ту, Худо, барои Аҳди Ҷадид.*
*Ман хурсандам, ки дар ин қисми Китоби*
*Муқаддаси худ дар бораи Писари Ту,*
*Исо, омӯхта метавонам. Омин.*

# Худо ва одамон

## Худо кист?

# Офаридгор

Офаранда чизеро месозад ё меофарад. Худо Офаридгори осмон ва офтоб, моҳ ва ситораҳо буд. Ӯ инчунин Офаридгори олам ва одамон буд. Танҳо Худо метавонист чизҳои зеборо биофарад!

Мо аз лой сохтани чизҳоро дӯст медорем. Вале Худо ҷаҳони моро бе ҳеҷ чиз сохт. Баъди офаридани ҷаҳон, Ӯ онро нигоҳ кард, ва он ба Ӯ маъқул шуд. Ӯ дид, ки ин хуб буд! (Ҳастӣ 1:18)

Барои чӣ Худо Офаридгор номида мешавад?



*Худои азиз, Ту бисёр махсус ҳастӣ. Танҳо Ту метавонистӣ чизи калонро ба монанди офтоб дар осмон биофарӣ. Ва Ту онро аз афтидан нигоҳ медорӣ. Раҳмат ба Ту! Омин.*

# Падари осмонӣ

Мо Худоро Падари осмонии худ меномем, чунки Ӯ дар осмон зиндагӣ мекунад. Барои чӣ Ӯ Падари осмонии мо аст? Барои он ки Ӯ ба мо зиндагиро дод. Ӯ ба мо намуди зиндагии махсусеро дод, ки то абад хоҳад буд. Ӯ ин корро ба хотири Писари Худ, Исо, кард. Падари осмонии мо моро ҳатто нисбат ба падарон ва модаронамон бисёртар дӯст медорад. Ӯ ба мо ғамхорӣ ва ёрдам мекунад. Ӯ ба мо мегӯяд, ки мо қисми оилаи Ӯ буда метавонем.

Бо кадом роҳҳо одамон дар оилаи шумо нишон медиҳанд, ки шуморо дӯст медоранд? Кӣ шуморо нисбати модар ва падаратон бисёртар дӯст медорад?



*Падари осмонии азиз, ман медонам, ки модар ва падарам маро бисёр дӯст медоранд. Инро фаҳмидан ниҳоят мушкил аст, ки чӣ хел Ту метавонӣ моро аз онҳо бештар дӯст дорӣ, вале Ту инро мекунӣ! Раҳмат ба Ту! Омин.*

# Худо ва Одамон

---

## Калимаҳое ки дар бораи Худо ба мо нақл мекунанд

# Нек

Агар касе бад нест, вай нек аст. Маҳз Худо ҳамеша нек аст. Худо танҳо он чизе ки хуб ва рост аст, мекунад. Вай ниҳоят меҳрубон аст. Ӯ он чизеро, ки ба он мӯҳтоҷ ҳастем, ба мо медиҳад. Ӯ ба мо ҷаҳони олиҷанобро барои қаноатманд будан дод. Ӯ ба мо либос ва хӯрок дод, ва Ӯ ба мо оилаҳои моро додааст.

Мо медонем, ки Худо нек аст, зеро Ӯ корҳои нек мекунад. Мо инчунин медонем, ки „танҳо Худо ҳақиқатан некӯ аст“ (Марқӯс 10:18). Китоби Муқаддас ба мо чунин мегӯяд!

Кӣ ҳамеша нек аст?



*Худои азиз, раҳмат ба Ту, ки барои мо чунин некӯ ҳастӣ. Ту ба мо ҷаҳони моро додаӣ ва барои ҳар рӯз дар он зиндагӣ кардан ба мо кӯмак мекунӣ. Ту некӯ ҳастӣ. Раҳмат ба Ту! Омин.*

# Дӯстдоранда

## (пурмуҳаббат)

Худо дӯстдоранда аст. Ин маънои онро дорад, ки Ӯ моро дӯст медорад. Ӯ шуморо чунон дӯст медорад, ки Исоро фиристод, то дӯсти шумо бошад. Ӯ ғамгин мешавад, вақте шумо фаромӯш мекунед, то бигӯед, ки Ӯро дӯст медоред, вале Ӯ оромона боз шуморо дӯст медорад.

Шумо ба таври зерин донbackиста метавонед, ки Худо шуморо дӯст медорад: Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Худо муҳаббат аст (1 Юҳанно 4:8).

Биёед ҳозир дуои хурдакаке мегӯем. Оё шумо ба Худо мегӯед, ки Ӯро дӯст медоред?



*Худои азиз, баъзан фаромўш мекунам бигўям, ки ман Туро дўст медорам. Ман намехоҳам, ки Ту Худро ғамгин ҳис кунӣ. Барои ҳамин ман худи ҳозир ба Ту мегўям: „Ман Туро дўст медорам, Худои азиз!“ Ба номи Исо дуо мекунам. Омин.*

# Пурқудрат (пурқувват)

Касе ки пурқудрат аст, чизҳои рӯйдодаро карда метавонад. Ҳеҷ кас ба монанди Худо пурқудрат нест. Ӯ миллиардҳо ситораҳоро офарид ва онҳоро аз дакка хӯрдан ба ҳамдигар нигоҳ медорад. Ӯ метавонад тӯфонро ором кунад ва одамони касалро шифо диҳад, ба монанди бачаи дар ин расм. Ӯ ҳамаи дуоҳои моро дар як вақт шунида метавонад.

Супермен ва Рейчери тавоно пурқудрат менамоянд, вале онҳо ҳақиқӣ нестанд! Қудрати Худо ҳақиқӣ аст. Ӯ ҳама чизро карда метавонад.

Кадом чизҳои пурқудратро Худо карда метавонад?



*Худовандо, вақте ба ёд меорам, ки чӣ хел*
*пурқудрат ҳастӣ, бехатариро ҳис мекунам.*
*Барои ба ёд овардани қудрати Худ,*
*вақте ки ман захмдор ҳастам, ёрдам кун.*
*Раҳмат ба Ту. Омин.*

# Муқаддас

Худо муқаддас аст. Ин маънои онро дорад, ки Ӯ ҳеҷ гоҳ чизи нодурустро (хаторо) намекунад. Ӯ ҳеҷ гоҳ гуноҳ намекунад. Ӯ комил аст. На ҳар кас, балки Худо муқаддас аст. Мо бояд чашмони худро пӯшем ва дар бораи он ки Худо чӣ хел хуб аст, оромона фикр кунем.

Баъди кушодани чашмҳоятон шумо метавонед дар бораи он ки Худо хуб ҳаст, фикр карданро давом диҳед. Шумо метавонед ҳатто дар вақти давидан ва ҷаҳидан дар бораи Ӯ фикр кунед.

Шумо чиро ба хотир мебиёред, вақте ки дар бораи Худои муқаддаси мо фикр мекунед?



*Раҳмат ба Ту, Худо, барои корҳои ҳамешагии Ту, ки дуруст ҳастанд. Раҳмат ба Ту, ки маро дӯст доштаӣ, гарчанде ба монанди Ту комил нестам. Ба номи Исо. Омин.*

# Бохирад (доно)

Шахси доно дар бораи бисёр чизҳо медонад. Танҳо Худо дар бораи ҳама чиз медонад. Ҳеҷ кас ба монанди Худо доно нест. Ӯ дар бораи ҳамаи он чизе ки шумо ягон вақт кардаед, хуб ё бад, медонад. Ӯ медонад, ки пагоҳ шумо чӣ кор мекунед. Ӯ медонад, ки чӣ хел ба дуоҳои шумо ҷавоб диҳад.

Худо дар бораи ҳама чиз медонад, барои ҳамин Ӯ ҳамеша медонад, ки чӣ кор кунад. Ин моро водор мекунад, ки худро бехатар ҳис кунем.

Худо бисёр доно аст. Оё Ӯ оиди бачаи дар расм тасвирёфта, ки барои бародари майдаи худ нек аст, медонад?



*Худои азиз, Ту медонӣ ман кӣ ҳастам,*
*ва Ту медонӣ ба чӣ мӯҳтоҷ ҳастам. Раҳмат*
*ба Ту барои чунин бохирад буданат. Омин.*

# Дар ҳама ҷо

Худо дар ҳама ҷо ҳаст. Ӯ бо туст. Ӯ дар хонаи дӯсти туст. Ӯ дар осмон аст. Ӯ дар ҳама ҷо ҳаст. Худо дар ҳама ҷо дар ҳамон як вақт ҳаст.

Мо дар ҳақиқат фаҳмида наметавонем, ки чӣ хел Худо дар ҳама ҷо буда метавонад. Вале мо метавонем ба ваъдаи Ӯ бовар кунем. Ӯ гуфта буд: „Ва инак, Ман бо ту ҳастам, ва туро дар ҳар ҷое ки равӣ муҳофизат намоям“ (Ҳастӣ 28:15).

Вақте ки шумо бори дигар бозии руст-рустакон мекунед, ба Худо барои дар ҳама ҷо бо шумо будан раҳмат гӯед. Омин.



*Худои азиз, ман хурсандам, ки ба ҳар*
*ҷое ки равам, Ту бо ман ҳастӣ!*
*Барои муҳофизат кардани ман раҳмат. Омин.*

# Худо ва одамон

## Он чи Худо офаридааст

# Замин

Замин ҷое мебошад, ки ҳамаи мо дар он зиндагӣ мекунем. Номи дигари замин „ҷаҳон“ мебошад. Худо, Офаридгор, ҷаҳонро аз ҳеҷ чиз офарид. Ӯ обро дар замин гузошт. Дар баъзе ҷойҳо Ӯ хушкиро гузошт.

Худо нақшаи хубе дошт, вақте ки замини моро меофарид. Ӯ медонист, ки мо ба замин мӯҳтоҷем, то дар он чизҳои хӯрданӣ бирӯянд. Ва Ӯ медонист, ки мо ба об барои нӯшидан ва шустан мӯҳтоҷ ҳастем. Ӯ ҳама чизро медонад!

Кӣ заминро офарид?



*Худои азиз, раҳмат ба Ту барои замине ки барои мо офаридаӣ. Барои хуб ғамхорӣ кардан ба он бароямон кӯмак кун. Омин.*

# Осмон

Осмон чизе аст, ки мо ҳангоми дар берун будан ба боло нигоҳ карда мебинем. Худо осмонро офарид ва Ӯ ҳама чизро дар он офарид. Ӯ абрҳо ва офтоби дурахшонро офарид. Ӯ ситораҳо ва моҳро офарид.

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки вақте одамон ба офтоб, моҳ ва ситораҳо дар осмон нигоҳ мекунанд, онҳо мефаҳманд, ки чӣ хел Худо дар ҳақиқат хуб аст (Забур 19:1–2).

Вақте ки шумо шаб ба осмон нигоҳ мекунед, чиро дида метавонед, ки Худо офаридааст?



*Худои азиз, Ту некӯ ҳастӣ! Раҳмат ба Ту барои осмони калони кабуде ки барои ҷаҳони мо офаридаӣ. Ман ба номи Исо дуо мекунам. Омин.*

# Растаниҳо

Растаниҳо дар хоке ки Худо дар замин монда буд, мерӯянд. Худо намуди бисёри растаниҳоро офаридааст. Ӯ дарахтони калонро офарид. Ӯ буттаҳои майдаро офарид. Ӯ алафро офарид. Ӯ гулҳои зеборо, ба монанди садбарг ва бунафша офарид.

Вақте ки Худо растаниҳоро офарид, ин ба гилеми калони мулоими ба ҷаҳон додашуда монанд буд. Ин гилем сабз аст ва он зебо аст!

Оё ба шумо кашидани расми якчанд растаниҳои зебое ки Худо офаридааст, маъқул аст?



*Падарҷон, раҳмат ба Ту барои фикр кардан оиди ҳар чиз, вақте ки ҷаҳони моро офаридӣ. Имрӯз ман барои ҳамаи растаниҳое ки барои мо офаридаӣ, ташаккур мегӯям. Омин.*

# Моҳӣ

Моҳӣ дар об шино мекунад. Худо моҳиро офарид. Ӯ моҳии хурд ва калонро офарид. Ӯ садҳо намуди моҳиро офарид. Баъзеҳо дар дарёҳои дароз ва ифлос шино мекунанд. Баъзеҳо дар кӯлҳои калони гирд шино мекунанд. Ва баъзе дар уқёнусҳои бузург шино мекунанд.

Мо дар об шино кардан ва оббозиро нағз мебинем. Вале мо аз моҳӣ фарқ мекунем. Худо барои онҳо нақшаи дар об зиндагӣ карданро дошт ва онҳо дар он ҷо хушбахт ҳастанд.

Дастҳои худро истифода бурда, ба монанди моҳие ки Худо офарид шино карданро тақлид кунед.



*Худовандо, раҳмат ба Ту барои моҳиҳои хурд ва китҳои бузург ва барои ҳамаи моҳиҳои миёна! Ба номи Исо. Омин.*

# Паррандагон

Паррандаҳо парҳо ва болҳо доранд. Худо паррандаҳоро офарид ва ба онҳо барои хондан сурудҳоро дод. Ӯ норуҳо ва гунҷишкҳоро офарид, Ӯ зоғҳо, тӯтиҳо ва паррандаҳои хушхонро офарид. Ӯ мурғобиҳо ва лаклакҳоро офарид.

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Худо ба паррандаҳо ғамхорӣ мекунад. Ӯ онҳоро мехӯронад (Матто 6:26).

Чанд намуди паррандаҳоро шумо дар расм дида метавонед? Кадом рангҳоро шумо мебинед? Гӯш кунед! Оё шумо хониши ягон паррандаро дар берун шунида метавонед?



*Худованди азиз, раҳмат ба Ту,*
*ки барои паррандаҳо ва барои ман*
*ғамхорӣ мекунӣ. Омин.*

# Ҳайвонот

Ҳайвонҳо дар замине ки Худо офаридааст, зиндагӣ мекунанд. Худо ҳайвонҳоро офарид. Ӯ сагҳо, гурбаҳо, аспҳо ва говҳоро офарид. Ӯ садҳо намуди ҳайвонҳои ҳархеларо офарид.

Дар бораи ҷойҳои гуногун фикр кунед, ки Худо барои зиндагӣ кардани ҳайвонҳо офарид. Номи ҳайвонеро, ки дар ҷангал зиндагӣ мекунад, номбар кунед. Номи ҳайвонеро, ки дар наздикии хонаи шумо зиндагӣ мекунад, номбар кунед. Чӣ қадар ҳайвонҳои ҳархеларо номбар карда метавонед?



*Худои азиз, раҳмат барои ҳамаи ҳайвоноте ки Ту барои ҷаҳони мо офаридаӣ. Ман махсусан мехоҳам барои (ҳайвони дӯстдоштаи хонагӣ) ба Ту раҳмат гӯям. Омин.*

# Одамон

Мардҳо, занон ва бачаҳо одамон мебошанд. Худо одамонро офарид. Аввалин одамоне, ки Ӯ офарид, марде ки номаш Одам ва зане ки номаш Ҳавво буд, буданд. Ӯ онҳоро тавре офарид, ки онҳо тавонистанд бо Ӯ гап зананд ва аз Ӯ хурсанд бошанд.

Худо ҳамаи одамонеро, ки офаридааст, дӯст медорад. Ин маънои онро дорад, ки Ӯ шумо ва маро дӯст медорад. Ӯ мехоҳад, ки мо ба Ӯ итоат кунем, то Ӯ тавонад моро дӯстони худ номад (Юҳанно 15:14).

Одамони аввалине, ки Худо офарида буд, киҳо буданд?



*Худои азиз, ман хурсандам, ки Ту қарор додӣ,
то одамонро биофарӣ. Раҳмат ба Ту
барои он ки маро офаридӣ! Омин.*

# Боғи Адан

Худо ба Одам ва Ҳавво ҷойи зебоеро, ки Боғи Адан ном дошт, барои зиндагӣ кардан дод. Худо гуфт, ки Боғро нигоҳубин кунанд ва аз он ҳаловат баранд. Вале дар он як мевае буд, ки Ӯ гуфт онро нахӯред. Одам ва Ҳавво ба ҳар ҳол онро хӯрданд. Худо онҳоро барои итоат накардан (гӯш накардан) ҷазо дод. Қисми ҷазои онҳо он буд, ки Худо онҳоро ба ҷои дур фиристод. Онҳо дигар дар Боғи Адан зиндагӣ карда наметавонистанд.

Ин Боғ то вақте ки Одам ва Ҳавво ба Худо беитоатӣ карданд, ҷои хушбахт буд. Баъдан онҳо ғам ва тарсро ҳис карданд.

Одам ва Ҳавво пеш аз беитоатӣ ба Худо дар куҷо буданд?



*Худои азиз, ман мехоҳам ҳама вақт ба Ту итоат кунам. Вале ман медонам, ки наметавонам. Ба ман ёрӣ деҳ, то ҳамеша он кореро бикунам, ки Ту мехоҳӣ. Омин.*

# Нек

Худо нек аст. Ҳама чизе ки Худо офаридааст, низ хуб аст. Ин маънои онро дорад, ки ҳеҷ чиз бад набуд. Ҷаҳон хуб буд ва ҳама чизе ки Худо дар ҷаҳон гузошт, ҳама хуб буд. Вале одамоне, ки Худо офарида буд, чизҳои бад карданро сар карданд. Дар расм Қобил нисбати бародари худ хашмгин аст. Ин хуб набуд.

Чанд чизи хубе ки шумо мекунед, чист? Чизҳои бад кадомҳоянд? Шумо метавонед барои хуб будан аз Худо ёрдам пурсед. Ин ба Ӯ маъқул аст.

Дар расм чӣ ҳодиса рӯй додааст?
Ин дуруст аст ё нодуруст?



*Раҳмат ба Ту, Падари осмонӣ,*
*ки Ту нек ҳастӣ. Ва раҳмат ба Ту, ки ба ман*
*кӯмак мекунӣ, то корҳои некеро бикунам,*
*ки ба Ту маъқуланд. Омин.*

# Фариштаҳо

## Фариштаҳои хуб ва бад

# Фариштаҳо

Худо бисёр ёрдамчиёни махсусро, ки фариштаҳо ном доранд, офарид. Худо фариштаро барои муҳофизати Дониёл дар хонаи шерон фиристод. Фариштаҳо омада ба чӯпонон гуфтанд, ки Исо таваллуд шуд. Мо фариштаҳоро дида наметавонем, вале Худо онҳоро барои ба мо кӯмак кардан фиристода метавонад. Шояд фариштаҳо ҳозир дар ин ҷо бошанд, ба шумо табассум карда.

Баъзан Худо фариштаҳоро барои ба мо ғамхорӣ кардан мефиристонад, ҳатто вақте ки мо дар бораи ин намедонем.

Чаро Худо ба хонаи шерон фариштаро фиристода буд?



*Худои азиз, раҳмат ба Ту барои фариштаҳои Ту. Раҳмат барои ҳамаи меҳрубонии Ту нисбат ба мо. Омин.*

# Шайтон

Яке аз бузургтарин фариштаҳо, ки номаш шайтон аст, ба муқобили Худо бархост. Номи дигари шайтон иблис аст. Ӯ дар Боғи Адан худро ба монанди мори зебо кард. Ӯ Одам ва Ҳавворо барои ба Худо итоат накардан бархезонд.

Вақте ки шайтон ба муқобили Худо бархост, баъзе фариштаҳои дигар ҳамроҳи ӯ рафтанд. Чунин фариштаҳои бадро рӯҳҳои бад (девҳо) меноманд. Шайтон ва рӯҳҳои бади ӯ кӯшиш мекунанд, ки моро низ ба муқобили Худо бархезонанд. Мо бояд аз Худо пурсем, то ки моро аз шайтон муҳофизат кунад. Он гоҳ шайтон наметавонад моро ба кори нодуруст водор кунад.

Оё шайтон фариштаи хуб аст ё бад?



*Худои азиз, илтимос, барои дур шудан аз шайтон ва аз ақидаҳои бади ӯ ба ман кӯмак кун. Худои азиз, ман Туро дӯст медорам ва мехоҳам ба Ту итоат кунам. Ба номи Исо. Омин.*

# Исо ва наҷот

## Исо кист?

# Исо

Исо ягона Писари Худо аст. Бисёр вақт пеш Исо барои зиндагӣ кардан ба замин омад. Ӯ аз осмон омад. Модари Исо Марям буд ва Юсуф ҳамчун падар ба Ӯ ғамхорӣ мекард. Вале падари ҳақиқии Исо Худо аст. Исо Писари Худо аст.

Оё шумо хурсанд нестед, ки Исо дар замин чанд вақт зиндагӣ мекард? Мо ҳама чизро дар бораи Ӯ аз Китоби Муқаддас омӯхта метавонем. Ҳоло Ӯ дар осмон зиндагӣ мекунад ва дуоҳои моро мешунавад!

Номи Писари Худо чист?



*Худои азиз, барои ба мо додани Ягона Писари*
*Ту, Исо, раҳмат мегӯям.*
*Бо номи Исо дуо мекунем. Омин.*

# Наҷотдиҳанда

Номи Исо маънои „Наҷотдиҳанда“-ро дорад. Наҷотдиҳанда одамонро наҷот медиҳад. Исо дид, ки одамон ба Худо итоат намекунанд. Барои ҳамин Исо омад, то ки моро аз ҷазои Худо наҷот диҳад. Исо моро чунон дӯст дошт, ки гуноҳҳои моро ба Худ гирифта, дар салиб мурд, то Наҷотдиҳандаи мо бошад.

Оё ин хеле хуб нест, ки Исо омад, то Наҷотдиҳандаи мо бошад? Китоби Муқаддас ба мо мегӯяд: „Ба Худованд Исо имон оваред ва наҷот хоҳед ёфт“ (Аъмол 16:31).

Чаро Исо мехост, ки Наҷотдиҳандаи мо бошад?



*Худои азиз, ман медонам, ки чизҳои нодурустро карда будам. Раҳмат ба Ту барои фиристодани Исо, то ки Наҷотдиҳандаи ман бошад. Ба номи Ӯ ман дуо мекунам. Омин.*

# Худованд

Худованд барои одамони дигар ҷавобгар аст. Исо Худованди мо аст. Ӯ мехоҳад моро роҳбарӣ кунад ва ба мо кӯмак кунад. Ӯ Худованди дӯстдоранда ва меҳрубон аст. Ӯ метавонад шуморо хушбахт кунад, агар шумо ба Ӯ итоат кунед. Ҳамеша бо кардани корҳои дуруст ба Худованди худ итоат кун.

Дар вақти ба воя расидани шумо, модар ва падаратон роҳбарони шумо буданд. Худо ба онҳо ин вазифаро дод. Бигӯед, ки роҳбари онҳо кист? Исо! Ӯ барои онҳо ва шумо ҷавобгар аст!

Кӣ барои шумо ҷавобгар аст? (Худованди шумо кист?)



*Худованд Исо, барои баҳри мо ҷавобгар будонат ташаккур мегӯям. Раҳмат барои донистани чизи беҳтар барои мо. Барои ба Ту итоат кардан ба мо ёрдам кун. Омин.*

# Муаллим (Устод)

Муаллимон ба мо барои омӯхтани чизҳо ёрдам мекунанд. Онҳо чизеро, ки медонанд, ба мо ёд медиҳанд. Исо муаллими аз ҳама беҳтарин аст. Ӯ ҳама чизро медонад! Мо аз Исо ба воситаи гӯш кардани ҳикояҳое ки Ӯ дар Китоби Муқаддас мегӯяд, меомӯзем.

Оё ба шумо гӯш кардани яке аз ҳикояҳое ки Исо гуфта буд, маъқул аст? Аз падар ва модаратон хоҳиш кунед, ки як ҳикояро аз Китоби Муқаддас барои шумо хонанд: Сомарии некдил (Луқо 10:30–37) ё Гӯсфанди гумшуда (Луқо 15:3–7).



*Раҳмат ба Ту, Падари мо дар осмон,*
*барои фиристодани Исо ба ҷаҳони мо, то ба*
*мо чӣ хел зиндагӣ карданро ёд диҳад. Омин.*

# Исо ва наҷот

## Таваллуди Исо

# Чӯпонон

Одамоне ки гӯсфандонро нигоҳубонӣ мекунанд, чӯпонон ном доранд. Дар он шабе ки Исо таваллуд шуд, чӯпонон дар саҳро буданд. Онҳо гӯсфандони худро нигоҳбонӣ мекарданд. Фариштаҳо осмонро пур карда ба онҳо гуфтанд, ки Писари Худо таваллуд шуд, ва онҳо бисёр хурсанд шуданд.

Чӯпонон одатан шабҳоро бо гӯсфандони худ оромона мегузаронданд. Он шабе ки Исо таваллуд шуда буд, шаби бисёр ҳаяҷоновар дар зиндагии онҳо буд!

Шумо чӣ фикр мекунед, чӯпонон чиро ҳис карданд, вақте ки фариштаҳо дар бораи таваллуди Исо ба онҳо гуфтанд?



*Худои азиз, илтимос, ба ман кӯмак кун, то монанди чӯпононе, ки дар шаби таваллуди Исо буданд, барои Исо ба ваҷд оям. Омин.*

# Байт-Лаҳм

Фариштаҳо ба чӯпонон гуфтанд, ки Исо дар шаҳри Байт-Лаҳм таваллуд шуд. Чӯпонон барои ёфтани кӯдак ба шаҳр давиданд.

Дар Аҳди Қадим пайғамбар гуфта буд, ки Исо бояд дар Байт-Лаҳм таваллуд шавад (Мико 5:2). Ӯ дар бораи ин муддатҳои пеш аз омадани Исо гуфта буд.

Оё шумо номи шаҳреро, ки дар он Исо таваллуд шуд, гуфта метавонед?



*Худои азиз, раҳмат ба Ту барои фиристодани Писари Худ, Исо, то ки дар шаҳри хурди Байт-Лаҳм таваллуд шавад, чӣ хеле ки пайғамбар гуфта буд. Омин.*

# Оғил

Исо дар оғил таваллуд шуд. Ин ҷой ба анборе монанд буд, ки дар он ҷо говон ва гӯсфандон зиндагӣ мекунанд. Чӣ ҷои аҷибе барои таваллуд шудани Писари Худо! Исо осмонро тарк кард, то ки ҳамчун кӯдак дар оғил таваллуд шавад.

Оғил ҷои ҷолиби диққат набуд. Ҳар як метавонист ба он ҷо рафта, ба Исо нигоҳ кунад. Ин он чизе буд, ки Худо мехост. Ӯ Исоро фиристод, то Ӯ тавонад ҳар як касро калон кунад ва ба вай кӯмак кунад.

Оғил чист?



*Худои азиз, раҳмат ба Ту, ки ба Писари Худ, Исо иҷозат додӣ, то дар оғил таваллуд шавад. Ман хурсандам, ки Ӯ мехоҳад дӯсти ҳар як шахс бошад. Омин.*

# Охур (ҷои хӯрокхӯрии ҳайвонот)

Исои навзод гаҳвора надошт. Ӯ дар охур хоб мекард. Ин қуттие буд, ки аз он говон ва гӯсфандон алаф (хасбеда) мехӯрданд. Марям ва Юсуф эҳтимол охурро бо алаф пур карданд, то ки барои Исои навзод катчаи мулоимро созанд.

Бисёр кӯдакони навзод дар гаҳвораҳои хурд бо ҳайвонҳое ки аз матоъ сохта шудаанд, оғӯш карда хоб мекунанд. Вале Исои навзод дар қуттие ки говон ва харон аз он хӯрок мехӯрданд, хоб мекард. Чӣ кати аҷиб барои Писари Худо!

Оё шумо суруди „Дар охур“-ро медонед?
Оё ба шумо хондани он ҳозир маъқул аст?



*Худои азиз, раҳмат ба Ту барои ҷои махсусе ки барои хоб кардан ба Исои навзод додӣ. Барои ғамхорӣ нисбати ман низ ба Ту ташаккур. Ба номи Исо. Омин.*

# Мардҳои хирадманд

## (Мунаҷҷимон)

Касе ки доно аст, бисёр чизро медонад. Вақте ки Исо таваллуд шуд, чанд марди доно (хирадманд) аз дур ситораеро диданд. Онҳо медонистанд, ки ин ситораи махсусе буд. Онҳо аз биёбон гузаштанд. Онҳо ба шутурҳо савор буданд. Онҳо аз қафои ситора рафтанд ва Исоро ёфтанд. Онҳо ба Вай тӯҳфаҳоро доданд.

Одамон бисёр вақт роҳи дарозро барои дидани кӯдаки навзод дар оилаашон тай мекунанд. Вале ҳеҷ гоҳ кӯдаки навзоде ҳамчун Исо махсус набуд. Хирадмандон инро медонистанд. Онҳо Ӯро парастиш карданд (Матто 2:11).

Чанд чизе ки хирадмандон карданд, чист?



*Худованди азиз, он хирадмандони Китоби Муқаддас медонистанд, ки Исо Подшоҳ буд. Барои хирадманд будан ба мо ҳам кӯмак кун. Барои қабул кардани Исо, Писари Худо, ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Подшоҳ ба ман кӯмак кун. Омин.*

# Исо ва наҷот

## Зиндагии Исо

# Носира

Исо дар шаҳри Носира ба воя расида буд. Ӯ бо модараш Марям ва шавҳари вай Юсуф зиндагӣ мекард. Юсуф дуредгар буд, барои ҳамин Исо ба вай барои аз чӯб чизҳоро тайёр кардан ёрӣ медод. Исо шояд ба мактаби шаҳри Носира мерафт.

Исо кӯдаки навзод буд; баъд ӯ ба зону мерафт, роҳ мегашт, медавид ва калон мешуд, чуноне ки шумо мекунед.

Падари Исо Худо дар осмон аст. Кӣ барои Исо ғамхорӣ мекард, вақте ки Ӯ дар Носира ба воя мерасид?



*Раҳмат ба Ту, Худовандо, барои оилаи Исо ва хонаи Ӯ. Раҳмат ба Ту барои оилаи ман ва барои хонае ки ба ман додӣ.*
*Бо номи Исо. Омин.*

# Куништ

Куништ ба бинои калисо монанд буд. Он инчунин ба мактаб монанд буд. Исо ба он ҷо барои дуо кардан мерафт. Ва Ӯ шояд дар куништ, дар Носира хонданро ёд мегирифт.

Мо ба калисо меравем ва инчунин ба мактаб ҳам меравем. Мо дуо мекунем, ва мо бисёр чизро меомӯзем. Мо инчунин дар ҳамин ҷо ва ҳозир дуо карда метавонем.

Исо дар куништ чӣ кор мекард?



*Худои азиз, ман хурсандам, ки Туро дар калисои худ ҷалол дода метавонам. Барои гӯш кардани шубон ва барои омӯхтан дар бораи Худат ба ман ёрдам кун. Омин.*

# Маъбад

Маъбад ба бинои калон ва зебои калисо монанд буд. Ин ҷои бисёр махсус барои парастиши Худо буд. Касе ки Худоро дӯст медошт дар давоми сол ақаллан як бор ба маъбад мерафт. Вақте ки Исо 12-сола буд, бо Марям ва Юсуф ба маъбад мерафт.

Одамоне ки Худоро дӯст медоранд, мехоҳанд инро ба воситаи амали худ нишон диҳанд. Исо ва оилаи Ӯ ба маъбад мерафтанд, то ба Худо нишон диҳанд, ки Ӯро дӯст медоранд.

Бори аввал Исо кай ба маъбад рафт?
Шумо барои ба Худо нишон додани муҳаббат ба куҷо меравед?




*Худовандо, ба ман кӯмак кун, то ба воситаи он чи мекунам ва ба кучое ки меравам, ба дигарон нишон диҳам, ки Туро дӯст медорам. Ман инро ба номи Исо мепурсам. Омин.*

# Ерусалим

Ерусалим шаҳри калон буд. Ин шаҳри муҳим буд. Дар он ҷо маъбад буд. Халқи Худо ба Ерусалим аз ҷойҳои гуногун меомаданд. Исо бисёр вақт барои дидани Ерусалим рафта буд.

Чизҳои ҳаяҷоновар дар Ерусалим рух додаанд. Китоби Муқаддас мегӯяд: „Ҳар сол падару модари Исо барои иди Фисҳ ба Ерусалим мерафтанд“ (Луқо 2:41).

Оё шумо номи шаҳреро, ки он ҷо маъбади Худо буд, гуфта метавонед?



*Худовандо, раҳмат ба Ту барои он ки*
*дар куҷое ки ман зиндагӣ кунам ва ба куҷое ки*
*равам, Ту маро дӯст медорӣ!*
*Ман Туро дӯст медорам, Худовандо! Омин.*

# Мӯъҷизаҳо

Азбаски Исо Писари Худост, Ӯ бисёр чизҳои аҷоибро мекард. Мо ин чизҳоро мӯъҷизаҳо меномем. Исо одамони касалро танҳо бо гуфтани „сиҳат шав“ шифо медод. Ӯ чашмони одамони кӯрро бино мекард. Ӯ ба тӯфони бад гуфт, ки ором шавад ва он ором шуд. Худо ба Писари Худ, Исо, барои чунин мӯъҷизаҳоро офаридан қудрат дод.

Китоби Муқаддас ба мо дар бораи мӯъҷизаҳои Исо нақл мекунад. Китоби Муқаддас оиди чизҳои ҳақиқатан руҳдода нақл мекунад. Мӯъҷизаҳои Исо ҳақиқӣ ҳастанд!

Кадом мӯъҷизаҳоро Исо ба амал оварда буд?



*Раҳмат ба Ту, Исо, барои чизҳои зебое ки Ту карда метавонӣ, чунки Ту Писари Худо ҳастӣ. Ҳеҷ чиз барои Ту душвор нест! Ман Туро дӯст медорам. Омин.*

# Чӯпони нек

Исо гуфта буд: „Ман чӯпони нек ҳастам“. Чӯпонон ба гӯсфандони худ баҳри ёфтани алаф барои хӯрдан ва об барои нӯшидан кӯмак мекунанд. Онҳо гӯсфандони худро аз ҳайвонҳои ваҳшӣ муҳофизат мекунанд. Исо чӯпони неки мост. Ӯ ба мо кӯмак мекунад, то хӯрок дошта бошем ва моро аз осеб муҳофизат мекунад.

Вақте ки шумо ба ягон ҷо бо модаратон равед, шояд ба шумо донистан маъқул аст, ки вай дар назди шумост. Чӯпони неки шумо ҳамеша дар назди шумо аст.

Тасаввур кунед, ки шумо гӯсфанд ҳастед. „Чӯпоне“ дошта бошед, ки шуморо нигоҳ мекунад ва шуморо меёбад.




*Исо, раҳмат ба Ту, ки маро ҳамеша нигоҳбонӣ мекунӣ. Ту чунон кардӣ, ки ман худро бехатар ҳис мекунам ва маро дӯст доштаӣ, ба монанди гӯсфанди майдае ки бо чӯпони худ аст. Омин.*

# Шогирдон

Исо дувоздаҳ шахсро (мардро) интихоб кард, то ки ёрдамчиёни махсуси Ӯ бошанд. Онҳо шогирдони Исо номида шудаанд. Шумо метавонед чанд номи онҳоро донед: Петрус, Андрёс, Яъқуб, Юҳанно, Матто. Шогирдон Исоро пайравӣ мекарданд ва аз Ӯ меомӯхтанд. Баъд онҳо дар бораи Исо ба дигар одамон нақл мекарданд.

Шумо наметавонед, ки Исоро ҳамон тавре ки дувоздаҳ шогирдаш мекарданд, пайравӣ кунед. Вале шумо метавонед аз онҳо ба воситаи гӯш кардани ҳикояҳои Китоби Муқаддас омӯзед. Ва шумо ба Ӯ ба воситаи нақл кардан ба дигарон дар бораи Ӯ ёрдам карда метавонед.

Шогирдони Исо чӣ кор мекарданд?



*Исои азиз, ман мехоҳам дӯсти Ту бошам.*
*Ба ман барои аз Ту омӯхтан ва ба дигарон дар*
*бораи Ту нақл кардан ёрдам кун. Омин.*

# Намуна

Исо омад, то барои мо намуна бошад. Ин маънои онро дорад, ки Исо омад, то нишон диҳад, ки чӣ хел мо бояд зиндагӣ кунем. Ӯ намунаи мо аст. Китоби Муқаддас ба мо мегӯяд, ки Исо одамонро дӯст медорад ва ба онҳо ёрдам мекунад. Ӯ дар бораи одамон ғамхорӣ мекунад ва барои онҳо меҳрубон аст. Мо ҳам бояд кӯшиш кунем, ки ба Исо монанд бошем.

Оё шумо ягон намуди дарсро гирифтаед — ба монанди шиноварӣ ё дарси пианино? Муаллим ба шумо аниқ нишон медиҳад, ки чӣ кор кунед. Ва шумо ба намунаи муаллим пайравӣ мекунед. Исо ҳам муаллими мо аст. Ӯ намунаи мо аст.

Чӣ хел мо намунаи Исоро пайравӣ карда метавонем?



*Исои азиз, раҳмат ба Ту, ки ба замин омадӣ*
*ва нишон додӣ, ки чӣ хел зиндагӣ кунем.*
*Ба ман кӯмак кун, то одамонро дӯст дорам,*
*чуноне ки Ту инро кардӣ. Омин.*

# Исо ва начот

Марги Исо

# Салиб

Чанд одами бад Исоро дар салиби аз ду пораи калони чӯб сохташуда мехкӯб карданд. Исо инро ба онҳо иҷозат дод. Ӯ дар салиб мурд, то моро аз гуноҳҳоямон наҷот диҳад. Исо ҳеҷ гоҳ ягон кори хато намекард. Аммо Ӯ мурд, то ки барои гуноҳҳои мо ва барои гуноҳҳои ҳар як шахси ҷаҳон айбдор шавад.

Мурдани одамон ғамангез аст. Оё шумо ягон касро медонед, ки мурдааст? Одамон гиря мекарданд, вақте ки Исо озор дода шуд ва дар салиб мурд. Худо, Падари Ӯ, ба Вай имкон дод, ки барои гуноҳҳои мо мурад, чунки Ӯ моро бисёр дӯст дошт.

Чаро Исо дар салиб мурд?




*Исои азиз, ин фикр моро ғамгин мекунад,*
*ки Ту дар салиб мурдӣ. Вале ман хурсандам,*
*ки Ту моро чунон дӯст доштӣ, ки гуноҳҳои*
*моро гирифтӣ. Омин.*

# Қабр

Баъзан одамонро баъди мурданашон ба мақбара (қабр) мегузоранд. Дар давраи Китоби Муқаддас қабр одатан ғор ё сӯрохӣ дар як тарафи теппа буд. Мардҳо ҷасади Исоро баъди дар салиб мурданаш ба қабр гузоштанд.

Дӯстони Исо ба ҷасади (бадани) Ӯ дорувор (ҳанут) пошиданд (Юҳанно 19:40). Баъд онҳо Ӯро ба қабр гузоштанд. Онҳо санги калонро ба дари қабр ғелонданд. Вале вақте ки Исо боз ба ҳаёт баргашт, ҳатто санги калон пеши Ӯро гирифта натавонист.

Дӯстони Исо ҷасадашро баъди марг дар куҷо монданд?



*Худои азиз, ман хурсандам, ки ҷасади Исоро, ки ба қабр гузошта шуда буд, надидаам. Ман хурсандам, ки охири хуши ин ҳодисаро медонам. Худо Исоро боз ба ҳаёт баргардонд. Омин.*

# Исо ва наҷот

## Баъди марги Исо

# Зинда

Хабари бад он аст, ки Исо мурд. Хабари хуш он аст, ки Исо мурда намонд. Дар рӯзи сеюм Худо Исоро боз зинда кард. Ӯ бо дӯстонаш роҳ мерафт, гап мезад ва хӯрок мехӯрд. Мо ҳам дӯстони Ӯ шуда метавонем! Исо зиндагӣ мекунад! Ӯ зинда ҳаст! Ӯ дар осмон бо Худо, Падари Худ аст.

Оё инро донистан ҳаяҷоновар нест, ки ҷасади Исо дар қабр муддати дароз намонд? Фариштаҳо гуфта буданд: „Ӯ дар ин ҷо нест! Ӯ аз мурдагон эҳё шуд!“ (Луқо 24:6)

Оё шумо хурсандед, ки Исо зинда аст? Инро бо сурудхонӣ ё кафкӯбии дастон нишон диҳед.



*Исои азиз, ман бисёр хурсандам,*
*ки Ту боз ба ҳаёт баргаштӣ.*
*Ман Туро дӯст медорам. Омин.*

# Осмон

Баъди марг ва аз нав зинда шудан Исо ба осмон баргашт. Он ҷои зебо аст. Дар он ҷо ягон кас ҳеҷ гоҳ худро ғамгин ҳис намекунад, касал намешавад ё намемурад. Исо дар осмон барои онҳое ки Ӯро дӯст медоранд, ҷойро тайёр мекунад. Агар шумо Исоро дӯст доред, ягон рӯз дар осмон бо Исо хоҳед буд.

Ҷойҳои аҷоиберо, ки дидаед, номбар кунед. Осмон нисбат ба ҳамаи ин ҷойҳо беҳтар аст. Дар он ҷо ягон кас ҳеҷ гоҳ гиря намекунад. Ҳар як кас ҳама вақт хурсанд аст!

Расмеро кашед, то нишон диҳед, ки ба фикратон осмон чӣ хел зебо аст.



*Худованди азиз, раҳмат ба Ту барои осмон (ҷое), ки барои мо тайёр мекунӣ. Чӣ ҷои зебое барои то абад бо Ту зиндагӣ кардан! Омин.*

# Бозгашт

Бозгашт маънои баргаштанро дорад. Ягон вақт Исо хонаи Худро дар осмон тарк мекунад ва ба ин ҷаҳон бармегардад. Ӯ ҳамаи дӯстони Худро ҷамъ мекунад. Ӯ моро бо Худ барои дар осмон зиндагӣ кардан мебарад.

Мо медонем ки ин ҳақиқат аст, чунки Исо ваъдаи махсусе додааст: „Ва ҳангоме ки биравам ва барои шумо ҷой тайёр кунам, боз омада, шуморо бо Худ мебарам, то дар он ҷое ки Ман ҳастам, шумо низ бошед“ (Юҳанно 14:3). Мо намедонем, ки ин кай мешавад. Барои ҳамин мо бояд Исоро дӯст дорем ва тайёр бошем!

Исо чӣ кор мекунад, вақте ки бармегардад?



*Худованд, Исои азиз, ман хурсандам, чунки ман медонам, ки Ту бармегардӣ! Ба ман кӯмак кун, то Туро дӯст дорам ва тайёр бошам. Омин.*

# Исо ва наҷот

## Наҷот чист?

# Наҷот

Наҷот маънои онро дорад, ки гуноҳҳои мо бахшида шудаанд. Исо дар салиб мурд, то ки мо наҷот ёфта тавонем. Тӯҳфаи наҷот барои мо имкон медиҳад, ки қисми оилаи Худо шавем. Мо ҳозир ва то абад фарзандони Худо мешавем.

Тӯҳфаро дар рӯзи таваллуд ё дар Рӯзи Мавлуди Исо кушодан шавқовар аст. Вале тӯҳфаи аз ҳама беҳтар ҳаст: Худо шуморо наҷот медиҳад, вақте ки шумо имон меоваред. „Ин атои (тӯҳфаи) Худо аст“ (Эфсӯсиён 2:8).

Гӯед, ки чӣ рӯй медиҳад, вақте ки мо тӯҳфаи наҷотро қабул мекунем?



*Худои азиз, чӣ хуш аст тӯҳфаи наҷот!*
*Раҳмат ба Ту, ки ба ҳар як шахс онро*
*пешниҳод мекунӣ. Ба номи Исо. Омин.*

# Наҷот додан

Худо моро чунон дӯст дошт, ки Писари Худ, Исоро аз осмон фиристод. Исо омад, то моро аз гуноҳҳоямон наҷот диҳад. Гуноҳҳоямон моро аз Худое ки комил аст, дур нигоҳ медоранд. Мо ҳеҷ гоҳ пули кифояро барои наҷот ёфтан дода наметавонем. Мо ҳеҷ гоҳ ба таври кифоя дигар корҳои некро барои наҷот ёфтан карда наметавонем. Барои ҳамин Худо Исоро ҳамчун тӯҳфа барои наҷот додани мо фиристод.

Мо хурсанд мешавем, вақте ки ягон кас моро аз саги бад ё аз обе ки чуқур аст, наҷот диҳад. Чӣ хел хуб аст, ки Худо Исоро фиристод, то моро аз гуноҳҳоямон наҷот диҳад!

Чаро Худо Исоро барои наҷот додани мо фиристод?



*Худои азиз, раҳмат ба Ту барои фиристодани Исо, ки маро аз ҷазои гуноҳҳои ман наҷот дод. Чӣ хел хуб аст Исоро шинохтан! Омин.*

# Бадӣ

Худо нек ҳаст, вале шайтон бад аст. Шайтон бисёр корҳои бадро мекунад. Ӯ мехоҳад, ки одамон ҳам чизҳои бадро кунанд. Агар Худо нахоҳад, ки шумо чизеро бикунед, шумо набояд онро бикунед. Ин кори бад аст.

Худо медонад, ки чизҳои бад ҳамеша, то даме ки ба осмон равем, вуҷуд доранд. Барои ҳамин Ӯ ба мо дар Китоби Муқаддас мегӯяд, ки „аз ҳамаи ин чизҳои бад худро дар канор гир“ (1 Тимотиюс 6:11).

Ҳар рӯз ва ҳар шаб шумо метавонед аз Худо хоҳиш кунед, то барои донистани он чӣ нек аст ва чӣ бад аст, ба шумо кӯмак кунад. Ва Ӯ мекунад! Ӯ барои кардани он чизе ки ба Ӯ маъқул аст, ёрдам мекунад.



*Худои азиз, илтимос, ба ман ёрӣ деҳ,
то аз бадӣ дур шавам ва корҳои некеро,
ки Ту мехоҳӣ, бикунам. Ба номи Исо дуо
мекунам. Омин.*

# Гуноҳ

Вақте ки мо ягон чизи нодуруст ё бад мекунем, ин гуноҳ номида мешавад. Мо гуноҳ мекунем, вақте ки ба Худо итоат намекунем. Одам ва Ҳавво аввалин одамон буданд. Онҳо Худоро гӯш накарданд. Онҳо гуноҳ карданд. Ин Худоро бисёр ғамгин (хафа) кард.

Ба хотироварии оятҳои Китоби Муқаддас барои аз гуноҳ нигоҳ доштан ба мо кӯмак мекунад. Ва ин ба мо барои донистани он ки чӣ хел Худоро гӯш кунем, кӯмак мекунад.

Вақте ки мо корҳои нодуруст мекунем,
оё он Худоро ғамгин (хафа) мекунад?
Чӣ Ӯро хурсанд мекунад?



*Худои азиз, маро бубахш, ки Туро хафа мекунам, вақте ки корҳои нодуруст мекунам. Илтимос, гуноҳҳои маро бубахш. Ва ба ман кӯмак кун, то хоҳиши Туро гӯш кардан ва Туро хурсанд кардан дошта бошам. Ба номи Исо дуо мекунам. Омин.*

# Бахшидан

Худо тайёр аст ҳар касро, ки ба назди Ӯ меояд, бубахшад. Ин маънои онро дорад, ки Ӯ он корҳои бадеро, ки мо карда будем, бахшидааст ва Ӯ нисбати мо хашмгин нест. Баръакс, Ӯ моро дӯст медорад ва ба мо кӯмак мекунад. Ӯ моро мебахшад, чунки Исо барои мо мурдааст.

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Худо ҳамаи гуноҳҳои моро мебахшад (Забур 103:3).

Оё Худо шуморо мебахшад, вақте ки кори нодурустро мекунед? Ба Ӯ раҳмат гӯед!



*Худои азиз, ман ба Ту шукр мегӯям,*
*ки Ту маро мебахшӣ, вақте ки ман чизҳои*
*нодуруст мекунам. Илтимос, барои зиёдтар*
*ба Ту итоат кардан ба ман кӯмак кун.*
*Ба номи Исо. Омин.*

# Имон

Худо мехоҳад, ки мо имон дошта бошем. Агар мо ба Исо имон дорем, мо ба он чизе ки Ӯ мегӯяд, бовар мекунем. Мо медонем, ки Ӯ Писари Худо аст, Ӯ моро дӯст медорад ва Ӯ барои наҷот додани мо мурдааст. Худо барои имон доштан ба он чизе ки Ӯ дар Китоби Муқаддас мегӯяд, кӯмак мекунад.

Шояд шумо шахсеро медонед, ки ҳамеша чизеро, ки мегӯяд, мекунад. Агар вай гӯяд, ки дар вақти аз ҷойи баланд ҷастан шуморо медорад, шумо ба вай бовар мекунед. Шумо ба вай имон доред. Ҳар шахс бояд ба Исо имон дошта бошад.

Оё Худо мехоҳад, ки шумо ба Исо имон дошта бошед?



*Худои азиз, раҳмат ба Ту, зеро имон ба Исо тӯҳфае аз тарафи Ту аст. Ман барои хоҳиш кардани он аз Ту мӯҳтоҷам. Ман худи ҳозир инро мепурсам. Ба номи Исо дуо мекунам. Омин.*

# Зиндагии абадӣ

Абадият калимаест, ки маънои „ҳамешагӣ“-ро дорад. Исо мехоҳад, ки шумо зиндагии абадӣ дошта бошед. Ӯ мехоҳад, ки шумо дар осмон зиндагии хеле хубро, ки абадӣ мешавад, дошта бошед. Ҳатто баъди мурданатон шумо метавонед барои абадият дар осмон зинда шавед. Шумо метавонед ба монанди Исо зиндагии абадӣ дошта бошед.

Байни рӯзҳои таваллуд як соли пурра ҳаст. Ҳозир чунин менамояд, ки сол ба вақти бисёр дароз монанд аст. Вале мо метавонем бо Исо то абад зиндагӣ кунем. Миқдори солҳои он бештар аз ҳисоб карда тавонистани мо!

То кай зиндагии абадӣ давом мекунад?



*Худои азиз, абадӣ зинда будан дар осмон хеле хуб хоҳад буд. Мо бо Исо хоҳем буд! Раҳмат ба Ту! Омин.*

# Исо ва наҷот

## Чӣ хел қисми оилаи Худо шуда метавонам?

# Бовар кардан

Ман бояд ба Исо бовар кунам. Агар ман ба ягон чиз бовар кунам, ин маънои онро дорад, ки ман медонам ин ҳақиқат аст. Худо мехоҳад, то ман бовар кунам, ки Исо Писари Ӯст. Ӯ мехоҳад, то ман донам, ки Исо барои гуноҳҳои ман мурдааст. Ман метавонам бовар кунам, ки ин чизҳо ҳақиқат ҳастанд ва ба Исо барои гирифтани гуноҳҳои ман таваккал кунам. Баъд ман қисми оилаи Худо хоҳам шуд ва барои Ӯ зиндагӣ хоҳам кард.

Бачаи дар расми додашуда хушҳол аст. Муаллим гуфта буд, ки Исо барои ҳар як шахс мурдааст. Бача дасти худро бардошта, мегӯяд: „Ман ба ин бовар мекунам!“

Худо мехоҳад, то ба чӣ бовар кунед?



*Худо, раҳмат ба Ту барои Писари Ту Исо.*
*Ман бо тамоми дили худ ба Исо бовар*
*мекунам. Омин.*

# Афсӯс хӯрдан

Ман бояд барои корҳои нодуруст афсӯс хӯрам. Ҳамаи мо он чизҳоеро, ки Худо намехоҳад, мекунем. Ин Худоро хафа мекунад. Ӯ аз ҳар яки мо „Худо, ман барои чизҳои хатокарда афсӯс мехӯрам“ гуфтанро интизор аст.

Муҳим аст, то шумо бигӯед, ки афсӯс хӯрдаед. Он низ муҳим аст, ки инро бо такроран накардани худи ҳамон кори нодуруст нишон диҳед.

Оё шумо ба Худо гуфтан мехоҳед, ки барои ягон кори кардагиатон афсӯс мехӯред? Ӯ шуморо мебахшад ва барои дигар инро накардан ёрдам мекунад.



*Худои азиз, вақте ки ман корҳои нодуруст мекунам, ба ман барои гуфтани „Ман пушаймон ҳастам“ ёрдам кун. Омин.*

# Қабул кардан

Вақте ки касе ба шумо тӯҳфа медиҳад, шумо роҳи дигарро намеҷӯед. Шумо тӯҳфаро қабул мекунед. Исо мехоҳад, ки шумо тӯҳфаи наҷоти Ӯро қабул кунед. Ӯ барои кардани он чизе ки ҳозир ва ҳама вақт ба Ӯ маъқул аст, ёрдам мекунад. Ва Ӯ ба шумо барои ягон вақт дар осмон бо Ӯ зиндагӣ кардан иҷозат медиҳад.

Одамоне ки тӯҳфаҳо медиҳанд, хурсанд мешаванд, агар мо нишон диҳем, ки онҳоро қабул мекунем. Исо хурсанд мешавад, вақте ки мо тӯҳфаи Ӯро барои худ қабул мекунем.

Исо мехоҳад, ки шумо тӯҳфаи Ӯро қабул кунед. Шояд шумо инро ҳозир кардан мехоҳед. Шумо метавонед дуо кунед ва ба Ӯ гӯед „Бале, раҳмат ба Ту, Исо!“



*Худои азиз, раҳмат ба Ту барои фиристодани Исо, то маро аз гуноҳ наҷот диҳад.*
*Раҳмат ба Ту барои тӯҳфаи Ту, Исо. Омин.*

# Таваккал кардан

Ман бояд ба Исо таваккал кунам. Агар ба Ӯ таваккал кунам, ин маънои онро дорад, ки ман боварӣ дорам Исо Писари Худо аст. Ман дар ҳақиқат медонам, ки Ӯ маро дӯст медорад ва Ӯ дар салиб барои ман мурдааст. Агар ман ба Исо таваккал кунам, ин маънои онро дорад, ки Ӯ барои ман ғамхорӣ мекунад ва ба ман барои кори дуруст кардан ёрдам мекунад.

Дар расм Ҷереми мегӯяд, ки ӯ чунин намешуморад, ки шумо ба ҳар кас бовар карда метавонед. Вале дӯсташ ба вай мегӯяд: „Ту ба Исо таваккал карда метавонӣ!“

Ба Исо таваккал кардан чӣ маъно дорад?



*Исои азиз, ман имон дорам, ки Ту*
*Писари Худо ҳастӣ ва барои ман мурдӣ.*
*Ман хурсандам, ки ба Ту таваккал карда*
*метавонам, ки ба ман ёрӣ медиҳӣ. Омин.*

# Рӯҳи Муқаддас

# ва зиндагии масеҳӣ

## Рӯҳи Муқаддас кист?

# Рӯҳи Муқаддас

Вақте мо Исоро хоҳиш мекунем, то Начотдиҳандаи мо шавад, Рӯҳи Муқаддас омада дар ботини мо зиндагӣ мекунад. Мо Рӯҳи Муқаддасро дида наметавонем, вале Ӯ ҳамеша бо мост. Ин се шахсият як Худо мебошанд:

Худо Падар
Худо Писар (Исо)
Худо Рӯҳи Муқаддас

Модар дар расм гуфтааст: „Худо Рӯҳи Муқаддас дар ҳақиқат бо мост“.

Шумо ин калимаҳоро гуфта метавонед: „Ман ба Худо Падар, Худо Писар ва Худо-Рӯҳи Муқаддас бовар мекунам. Ин сето як Худо ҳастанд, ки маро дӯст медорад“.



*Худои азиз, ман хурсандам, ки ба ҳар ҷое равам, Рӯҳи Муқаддас бо ман аст. Ба номи Исо. Омин.*

# Маслиҳатдиҳанда

Маслиҳатдиҳанда бохирад (доно) аст. Ӯ ба одамон корҳои беҳтар карданро гуфта метавонад. Худо Рӯҳулқудс маслиҳатдиҳандаи махсус барои ҳар шахсест, ки Исоро дӯст медорад. Ӯ ҳама вақт бо мо аст. Ӯ ба мо нишон медиҳад, ки чӣ чиз дуруст ва нодуруст аст.

Духтари дар расм додашуда маслиҳатдиҳандае дорад — Рӯҳулқудс. Ӯ ба вай барои донистани он ки пораи қандро гирифтан нодуруст аст, ёрдам мекунад.

Рӯҳи Муқаддас, маслиҳатдиҳандаи шумо, ба шумо чиро нишон дода метавонад?



*Худои азиз, раҳмат ба Ту, ки ба ман*
*Рӯҳи Муқаддасро додаӣ, то ба ман барои ҳал*
*кардани он ки кадом кор дуруст аст,*
*ёрдам кунад. Омин.*

# Ёрдамчӣ

Худо Рӯҳулқудс ёрдамчии махсуси ман ҳаст. Ӯ қувват дорад, то барои истодан ба муқобили чизҳое ки бад ҳастанд, ба ман ёрдам кунад. Вақте ки дигарон корҳои бадро мекунанд, Рӯҳи Муқаддас ба ман барои гуфтани „Не, ман чизҳои ба ин монандро намекунам“ ёрдам мекунад.

Ман бояд ба Рӯҳи Муқаддас иҷозат диҳам, то ёрдамчии ман бошад. Ӯ ба ман барои кори дуруст кардан ва ба дигарон кӯмак кардан ёрдам мекунад. Рӯҳи Муқаддас барои пурқувват будан дар вақти интихоби он чи дуруст аст, ёрдам мекунад.

Кай шумо мӯҳтоҷи Рӯҳи Муқаддас ҳастед, то ёрдамчии шумо бошад?



*Худованди азиз, раҳмат ба Ту барои он ки Рӯҳи Муқаддасро додаӣ, то ёрдамчии мо бошад. Ман хурсандам, ки аз Ӯ хоҳиш карда метавонам, то барои ба ҷо овардани он чи дуруст аст, ба ман ёрдам кунад. Омин.*

# Рӯҳи Муқаддас

## ва зиндагии масеҳӣ

---

Роҳҳоеро нишон медиҳам,
ки Рӯҳи Муқаддаси
Худо ба ман ёрдам мекунад

# Муҳаббат

Вақте ки шумо касеро дӯст медоред, шумо нисбати ин шахс бисёр ғамхорӣ мекунед ва кӯшиш мекунед ҳиссиёти худро нишон диҳед. Рӯҳи Муқаддас ба шумо барои нишон додани муҳаббататон ба Худо ва ба оилаатон ва ба одамони дигар низ ёрдам мекунад. Ӯ ба шумо барои нишон додани муҳаббататон ба воситаи суханҳое ки шумо мегӯед ва ба воситаи рафтори шумо ёрдам мекунад.

Китоби Муқаддас ба мо мегӯяд: „На бо гуфтани он ки мо дигаронро дӯст медорем, балки дар ҳақиқат инро бо корҳову рафторҳои худ нишон диҳем“ (1 Юҳанно 3:18).

Чӣ хел шумо муҳаббати худро ба Худо нишон медиҳед?



*Худои азиз, ман мӯҳтоҷи Рӯҳи Муқаддас ҳастам, то ба ман кӯмак кунад, ки бештар дӯст дорам. Ба ман кӯмак кун, то муҳаббатамро бо суханҳоям ва бо рафторам нишон диҳам. Омин.*

# Хурсандӣ (шодӣ)

Хурсандӣ шодмонии махсусест, ки аз тарафи Рӯҳи Муқаддас меояд. Ин нисбат ба шод будан беҳтар аст. Шумо хурсанд буда метавонед, ҳатто вақте ки шумо касал ҳастед, чунки шумо медонед, ки Худо ба шумо ғамхорӣ мекунад. Шумо хурсандӣ дошта метавонед, ҳатто вақте ки шумо танҳо ҳастед, чунки медонед, ки Худо ҳамеша бо шумо аст ва ҳеҷ гоҳ шуморо тарк намекунад.

Хушбахт будан шояд душвор метобад, вақте ки шумо касал ҳастед. Вале Рӯҳи Муқаддас ба шумо ёрдам мекунад, то ки шумо зиёдтар хурсандӣ дошта бошед!

Оё шумо ҳама вақт хурсанд буда метавонед? Чаро?




*Ин калимаҳоро чун дуо хонед.*
*„Ман дар таҳти дилам хурсандӣ, хурсандӣ,*
*хурсандӣ, хурсандиро дорам!“*
*Раҳмат ба Ту, Худо! Омин!*

# Сулҳу осоиштагӣ

Рӯҳи Муқаддас ба мо ёрдам карда метавонад, вақте ки мо тарс ҳис мекунем. Ӯ ба мо барои донистани он ки Ӯ ҳама вақт бо мо аст, кӯмак мекунад. Мо сулҳу осоиштагӣ дошта метавонем, агар ҳангоми дар торикӣ будан ё ҳангоми тӯфон ва ё касал ё ғамгин буданамон дуо гӯем. Рӯҳи Муқаддас барои натарсидан ба мо кӯмак мекунад. Мо осоиштагии ҳақиқиро хоҳем дошт.

Китоби Муқаддас мегӯяд: „Агар Рӯҳи Муқаддас фикрҳои шуморо назорат мекунад, ин ҳаёт ва сулҳу осоиштагӣ аст“ (Румиён 8:6).

Дар шаби тӯфонӣ нишон диҳед, ки тарсончак набошед.



*Худои азиз, ман дар вақти тӯфон тарсидам.*
*Илтимос, аз тарафи Рӯҳи Муқаддас ба ман*
*сулҳу осоиштагӣ деҳ ва ёдовар кун,*
*ки Ту ҳамеша бо ман ҳастӣ. Омин.*

# Тоқат

Тоқат ҳамон аст, ки шумо интизор мешавед. Шояд ба шумо лозим меояд, ки баргаштанатонро ё анҷом ёфтани кори дигаронро интизор шавед. Худо Рӯҳулқудс барои тоқат доштан ба шумо кӯмак мекунад. Ӯ ба шумо ёрдам мекунад, то ки хафа нашавед, вақте ки шумо бояд интизор шавед.

Баъзан интизор шудан бисёр душвор аст. Вале Рӯҳи Муқаддас ба шумо барои тоқат доштан кӯмак мекунад, агар шумо Ӯро хоҳиш кунед. Ӯ ба шумо кӯмак мекунад, ҳатто вақте ки шумо муддати дароз интизор мешавед.

Оё шумо барои тоқати ягон кас — дӯст ё бародар ё хоҳар мӯҳтоҷӣ доред? Кӣ ёрдам карда метавонад?



*Худовандо, ман дуо мекунам, то дар ҳар ҷое ки ман худро хафа ҳис кунам, Рӯҳи Муқаддас ба ман тоқат диҳад. Раҳмат ба Ту, ки барои ман ғамхорӣ мекунӣ. Ба номи Исо. Омин.*

# Меҳрубонӣ

Меҳрубонӣ ҳамон аст, ки мо фоидабахш ва нек ҳастем. Ин он чиз аст, вақте ки мо чизҳои нағзро ба оила ё дӯстони худ мегӯем. Мо меҳрубон ҳастем, вақте ягон чизро бо ҳам мебинем ва вақте корҳоеро мекунем, ки одамон ва ҳайвонҳоеро, ки дӯсти одамон ҳастанд, хушбахт мекунанд.

Касеро бо номи бад маънои меҳрубониро надорад. Ба дӯст гуфтан, ки бо бозичаҳои шумо бозӣ накунад, меҳрубонӣ нест. Худо мегӯяд: „Ба якдигар меҳрубон бошед“ (Эфсӯсиён 4:32).

Чӣ хел шумо меҳрубониро ба дӯсти худ нишон медиҳед? Оё шумо ба ҳайвонот низ меҳрубон буда метавонед?



*Худои азиз, ба ман маъқул аст, вақте ки одамон ба ман меҳрубон ҳастанд. Ба ман барои ҳамеша меҳрубон будан кӯмак кун, чӣ хеле ки Ту гуфта будӣ. Ба номи Исо. Омин.*

# Некӣ

Некӣ ҳамон аст, ки мо чизеро, ки рост ва хуб аст, мекунем. Худо нек аст. Ва вақте ки мо ба Ӯ итоат кунем, мо нек ҳастем. Мо нек ҳастем, вақте ки нағз рафтор кунем ва чизеро, ки волидайн мехоҳанд, мекунем. Худо ба мо Рӯҳи Муқаддасро дод, то барои донистани чӣ кардан дуруст ва хуб аст, ёрдам кунад.

Мумкин ҳамеша нек будан осон нест. Вале Худо мегӯяд: „Ва некӣ карда, ноумед нашавед“ (Ғалотиён 6:9).

Аз Худо пурсед, то ба шумо чӣ кардан дуруст ва хубро нишон диҳад.



*Худованди азиз, раҳмат ба Ту барои Рӯҳи Муқаддас, ки ба ман барои интихоб кардани чизи дуруст ёрдам мекунад.*
*Ба номи Исо. Омин.*

# Мулоимат (нармдилӣ)

Мулоимат ҳамон аст, ки бо ҳайвони дӯстдоштаатон, бо дӯстон ё бо хоҳар ё бародари майдаяки худ дағал нестед. Мулоимат ҳамон аст, ки шумо ба бозичаҳои худ ғамхорӣ мекунед ва онҳоро ношикаста дар ҷояш мемонед. Рӯҳи Муқаддас ба шумо барои мулоим будан кӯмак мекунад.

Китоби Муқаддас ба мо мегӯяд, ки ҳатто дар вақти сухан гуфтан нарм бошем (Масалҳо 15:1).

Нишон диҳед, ки чӣ хел бо бозичаҳо мулоим хоҳед буд.



*Худовандо, ба ман барои мулоим будан ёрдам кун, вақте ки ман бозӣ мекунам. Барои нарм сухан гуфтан ҳам ба ман кӯмак кун. Омин.*

# Рӯҳи Муқаддас

# ва зиндагии масеҳӣ

## Роҳҳои ба Худо маъқул шудан дар куҷое ки бошам

# Итоат кардан

Итоат кардан маънои онро дорад, ки чизи гуфтаро иҷро кунем. Ин бисёр муҳим аст, ки ба Худое ки моро офарид ва медонад, ки барои мо чӣ беҳтар аст, итоат кунем. Ӯ ба мо мегӯяд, ки Ӯро ва дигар одамонро дӯст бидорем. Ин муҳим аст, ки ба волидайн ва муаллимон низ итоат кунем, чунки Худо мехоҳад, ки мо инро бикунем. Ӯ медонад, ки ин беҳтар аст.

Волидайнатон медонанд, ки кадом чизҳо ба шумо зарар расонда метавонанд. Ин яке аз сабабҳое аст, ки чаро Худо мехоҳад ба онҳо итоат кунед. Худо медонад, ки чӣ беҳтар аст, барои ҳамин мо бояд ҳамеша чизеро, ки Ӯ мехоҳад, бикунем.

Оё итоат кардан душвор аст? (Ба Худо гӯед — Ӯ ба шумо ёрдам мекунад).



*Худои азиз, ман итоат кардан мехоҳам,*
*вале баъзан дар ҳақиқат фаромӯш мекунам.*
*Илтимос, барои кори дуруст кардан ба*
*ман кӯмак кун. Ба номи Исо. Омин.*

# Дуо кардан

Вақте ки мо дуо мекунем, мо бо Худо гап мезанем. Ӯ ҳамеша ба мо ёрдам карда метавонад, чунки Ӯ бузург ва пурқудрат аст. Худо мехоҳад, ки кӯдакон ва калонсолон ба Ӯ дуо кунанд. Ӯ мехоҳад, то мо бо Ӯ гап занем. Мо ба Ӯ ҳама чизро, ҳама вақт ва дар ҳама ҷой гуфта метавонем.

Ин хеле хуб аст, агар вақти худро бо касе ки ба ту маъқул аст, гузаронӣ. Худо хушнуд аст, вақте ки мо вақтро бо Ӯ дар дуо мегузаронем (Масалҳо 15:8).

Оё шумо ба монанди ин духтари дар расм, ки барои модари худ дуо карда истодааст, барои ягон кас дуо карда метавонед? Ӯ гуфта истодааст: „Илтимос Худо, ба модарам барои худро беҳтар ҳис кардан кӯмак кун“.



*Худои азиз, ба ман бо Ту гап задан маъқул аст. Ман мехоҳам дар бораи ________________ ба Ту гӯям. Омин.*

# Мадҳ кардан

Мо Худоро мадҳ мекунем, вақте ба Ӯ мегӯем, ки Ӯ чӣ хел бузург аст ва чӣ қадар Ӯро дӯст медорем. Мо Худоро бо суханҳое ки дар вақти дуо кардан мегӯем, мадҳ карда метавонем. Мо Худоро бо сурудҳое ки мехонем, мадҳ карда метавонем.

Оё шумо худро хуб ҳис мекунед, вақте ки одамон ба шумо чизҳои нағзро гӯянд? Ба Худо ҳам инро аз шумо шунидан маъқул аст.

Ягон касе ба монанди Худо хуб нест. Барои ҳамин бояд осон бошад, ки Ӯро бо чунин гуфтан мадҳ кунед! Ӯро мадҳ кунед, ӯро мадҳ кунед, ҳамаи кӯдакони ҷаҳон!



*Дар бораи Худо фикр карда гӯед: „Падари азиз дар осмон, ман Туро мадҳ мекунам, чунки Ту чунон зебо, доно ва пурқудрат ҳастӣ“.*

# Шукр кардан

Вақте ки мо тӯҳфаро мегирем ё касе кори нағзро барои мо мекунад, мо ба ӯ раҳмат мегӯем. Вақте ки мо дуо мекунем, мо ба Худо барои ҳама чизе ки ба мо медиҳад, шукр карда метавонем. Мо инчунин ба Ӯ барои ҳама чизе ки Ӯ барои мо мекунад, шукр гуфта метавонем.

Мо бояд ҳар рӯз ба Худо раҳмат гуфтанро дар хотир дорем. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки „барои ҳама чизе ки Ӯ кардааст, ба Ӯ шукр кунед“ (Филиппиён 4:6).

Оё ба шумо иҷро кардани чизе ки духтарча дар ин расм карда истодааст, маъқул аст? Вай чизҳоеро кашида истодааст, ки мехоҳад барои онҳо ба Худо шукр гӯяд. Шумо ҳам метавонед рӯйхати чизҳоеро, ки мехоҳед барои онҳо ба Худо шукр гӯед, тартиб диҳед. Чизҳоро номбар кунед ва ягон кас онҳоро бароятон нависад.



*Шукр ба Ту, Худо, барои ҳама чизе ки кардаӣ.*
*Раҳмат ба Ту, Худо, барои борон ва офтоб.*
*Раҳмат барои муҳаббати Ту,*
*ҳатто вақте ки ман бад ҳастам. Раҳмат*
*барои модар ва падари ман. Омин.*

# Бахшидан

Мо бояд Худоро хоҳиш кунем, ки барои чизҳои хатое ки мекунем, моро бубахшад ва ба мо барои дигар накардани онҳо кӯмак кунад. Баъд Ӯ дар бораи онҳо фаромӯш мекунад. Мо бояд инчунин дигаронро, ки нисбати мо корҳои нодуруст мекунанд, бахшем. Баъд мо оромона дӯстони онҳо буда метавонем. Худо ба мо ёрдам мекунад.

Худо ба мо дар Китоби Муқаддас мегӯяд: „Агар шумо дигаронро бубахшед, бахшида хоҳед шуд“ (Луқо 6:37).

Оё ягон чизе ҳаст, ки Худо бояд шуморо барои он бубахшед? Кӣ бояд шуморо бубахшад?



*Худои азиз, раҳмат ба Ту, ки маро барои корҳои нодуруст кардаам бахшидаӣ. Ба ман барои бахшидани дӯстонам ёрдам кун, вақте ки нисбати ман корҳои нодуруст мекунанд. Ба номи Исо. Омин.*

# Ёрдам кардан

Вақте ки мо ба одамон ёрдам мекунем, мо кори онҳоро осонтар карда метавонем. Исои дӯстдоранда моро офарида, мехоҳад, то ба дигарон ёрдам кунем. Мо дар хона бе шикоят ва бе гила кардан беҳтар ёрдам карда метавонем. Баъзан дӯстони мо низ ба ёрдам мӯҳтоҷанд. Мо муҳаббатро барои Исо бо ёрдамчӣ будан нишон медиҳем.

Модар ва падари шумо хурсанданд, вақте ки шумо дар хона ёрдам мекунед. Худо ҳам хурсанд аст. Ба Ӯ маъқул аст, ки шумо ба одамон дар хона, дар мактаб ё дар куҷое ки бошед, ёрдам мекунед.

Имрӯз ё пагоҳ шумо ба кӣ ёрдам карда метавонад?



*Худовандо, ман мехоҳам ёрдамчии хуб бошам. Ман мехоҳам ҳар рӯз ба ягон кас ёрдам карда ба Ту маъқул шавам. Омин.*

# Шаҳодат

Шоҳид он чизеро, ки дидааст ё шунидааст, нақл мекунад. Одамоне ки ҳодисаҳоро мебинанд, шоҳидон номида мешаванд. Одатан аз онҳо хоҳиш карда мешавад, ки чизи медонистаашонро бигӯянд.

Шумо дар бораи Исо бисёр медонед. Барои ҳамин шумо метавонед шоҳиди Исо буда ба дигарон дар бораи Ӯ бигӯед.

Ба дӯстон шаҳодат дода, ба онҳо фаҳмонед, ки Исо онҳоро дӯст медорад. Яке аз роҳҳои инро кардан ҳикояҳои Китоби Муқаддаси худро ба дӯстонатон нишон додан аст.



*Худои азиз, ба ман ёрдам кун, то ҳама чизро дар бораи Ту ба дӯстонам нақл кунам. Ба ман нишон деҳ, ки чӣ хел барои Ту шоҳид бошам. Ба номи Исо. Омин.*

# Ќалисо

## Калимаҳо дар бораи калисо

# Калисо

Одамоне ки Исоро дӯст медоранд, Ӯро парастиш мекунанд. Баъзеҳо дар биноҳои калон, ё дар хонаҳо ё дар дигар ҷойҳо вомехӯранд. Ҷое ки барои парастиш вомехӯрем, одатан калисо номида мешавад. Худо хурсанд аст, вақте ки мо ба калисо рафта, дар бораи Ӯ меомӯзем ва Ӯро парастиш мекунем.

Ин муҳим нест, ки мо дар куҷо вомехӯрем. Чизи муҳим ин он аст, ки мо Худоро парастиш мекунем.

Дар бораи калисое ки он ҷо Худоро парастиш мекунед, нақл кунед.



*Худовандо, раҳмат ба Ту барои калисои ман.*
*Ман дар ин ҷо дар бораи Ту меомӯзам ва бо*
*дӯстонам шод ҳастам.*
*Ин ҷои бисёр махсус аст. Омин.*

# Калисо

Калисои ҳақиқӣ бино нест. Ин гурӯҳи одамоне мебошад, ки ба оилаи Худо мансубанд. Худо хурсанд аст, вақте ки одамон Ӯро дар оилааш якҷоя парастиш мекунанд.

Оё шумо холаҳо, тағоиҳо, амакбачаҳо ва бобою бибӣ доред? Оила доштан хуш аст, то онро дӯст бидорӣ. Оилаи калисои мо ба ин монанд аст. Китоби Муқаддас ба мо мегӯяд, ки Исо роҳбари оилаи калисоӣ аст (Қӯлассиён 1:18).

Шумо дар оилаи калисои худ киро мешиносед?



*Худо, раҳмат ба Ту барои дӯстони калисои ман. Мо якдигарро дӯст медорем ва ҳама Туро дӯст медорем! Омин.*

# Масеҳиён

Одамоне ки Исоро дӯст медоранд,масеҳиён номида мешаванд. Қисми якуми ин калима „Масеҳ“ мебошад, ки номи дигари Исо аст. Баъзан мо ин ду номро якҷоя истифода мебарем. Мо гуфта метавонем, ки мо масеҳиён ҳастем, агар ба Исои Масеҳ имон дорем.

На ҳар як кас масеҳӣ аст. Китоби Муқаддас ба мо мегӯяд, ки ба Исо имон овардан роҳи масеҳӣ шудан аст.

Оё ба Исо имон овардан ягона роҳ барои масеҳӣ шудан аст?



*Худои азиз, ман бовар мекунам, ки Исои Масеҳ Писари Ту аст. Ман Ӯро бисёр дӯст медорам. Раҳмат ба Ту, ки ман масеҳӣ буда метавонам. Омин.*

# Шубон

Шубони калисо Китоби Муқаддасро ба ҳамаи одамони оилаи калисо мефаҳмонад. Шубон инчунин одамонро хабар мегирад ва барои одамоне ки касал ҳастанд, дуо мекунад. Баъзан шубон хизматгузор ё парастор номида мешавад.

Оё шумо номи шӯбонатонро медонед? Оё ӯ номи шуморо медонад? Шумо ба ӯ гуфта метавонед, ки шумо ҳам барои ӯ дуо карда истодаед.



*Худои азиз, ман шодам, ки Ту Шубон ________*
*ро ба калисои мо фиристодӣ. Илтимос,*
*ӯро қавӣ нигоҳ дор ва ба ӯ ёрдам кун, то ба мо*
*дар бораи Ту таълим диҳад. Ба номи Исо. Омин.*

# Мавъиза кардан

Мавъиза кардан маънои ба одамон дар бораи Исо нақл карданро дорад. Ин маънои онро дорад, ки ба одамон гӯянд, ки чӣ хел Исо мехоҳад, то онҳо зиндагӣ кунанд. Барои ҳар як кас донистан муҳим аст, ки Исо Писари Худо аст ва Ӯ моро дӯст медорад. Донистан муҳим аст, ки чӣ хел ба Исо итоат кардан лозим аст. Шубон аз Китоби Муқаддас мавъиза мекунад, то ба одамон барои донистани ин чизҳо ёрдам кунад.

Касе ки дар бораи Исо мавъиза мекунад, чизеро, ки Исо гуфта буд, иҷро мекунад. Ӯ гуфтааст: „Хабари Хушро ба ҳама, ва дар ҳама ҷо мавъиза кунед“ (Марқӯс 16:15).

Кадом китобро шубонатон дар вақти мавъиза кардан истифода мебарад?



*Худои азиз, раҳмат ба Ту барои ҳар шахсе ки дар бораи Исо мавъиза мекунад. Раҳмат ба Ту барои шубонон ва миссионерони тамоми ҷаҳон. Омин.*

# Роҳбарон

Ҳар як оилаи калисоӣ роҳбарон дорад. Чунин роҳбарони калисо масъули корҳои калисо ҳастанд. Онҳо ба одамон корҳои дуруст карданро ёд медиҳанд. Онҳо инчунин дар калисо ба одамоне ки эҳтиёҷи махсус доранд, ёрдам мекунанд.

Чӣ рух медиҳад, агар калисои шумо роҳбар ё муаллимон надошта бошад? Касе намебуд, ки хӯрокро ба одамоне ки мӯҳтоҷи онанд, диҳад? Ҳеҷ кас ба калисо ғамхорӣ намекард?

Аз оилаи худ хоҳиш кунед, то ба шумо гӯяд, ки дар калисои шумо киҳо роҳбар ҳастанд?



*Раҳмат ба Ту, Худо,барои ҳамаи роҳбарони калисои ман. Илтимос, ба онҳо ёрдам кун, то ки роҳбарони хуб бошанд.Омин.*

# Калисо

## Корҳое мо дар калисо мекунем

# Парастиш

Вақте ки мо Худоро парастиш мекунем, мо дар бораи Ӯ ва дар бораи ҳама чизе ки Ӯ барои мо мекунад, фикр мекунем. Ӯ ба мо оилаҳо, дӯстони мо ва беҳтарин дӯсти мо, Исоро додааст. Вақте ки мо мегӯем „Исо ман Туро дӯст медорам“, ин парастиш аст. Ин хуб аст, ки Худоро бо оилаи калисоии худ парастиш кунем.

Китоби Муқаддас мегӯяд: „Биёед саҷда намоем“ (Забур 94:6). Мо ба Худо маъқул мешавем, вақте ки Ӯро парастиш мекунем.

Вақте ки мо Худоро парастиш мекунем, дар бораи кӣ фикр мекунем?



*Худои азиз, ман хурсандам, ки бо оилаи калисоии худ Туро парастиш карда метавонам. Омин.*

# Дуоҳо

Яке аз роҳҳои Худоро парастиш кардан якҷоя дуо кардан аст. Дуоҳои мо суханоне ҳастанд, ки дар вақти дуо кардан ё дар вақти гуфтугӯ бо Худо мегӯем. Мо дар бораи ҳама чиз бо Худо гуфтугӯ карда метавонем. Мо метавонем ба Ӯ раҳмат гӯем ва ба Ӯ гӯем, ки Ӯро дӯст медорем ва аз Ӯ хоҳиш кунем ба мо кӯмак кунад.

Бо оилаи калисоӣ дуо кардан роҳи махсус барои парастиши Худо мебошад. Вақте ки мо якҷоя дуо мекунем, „борҳои якдигарро хоҳем бардошт“ (Ғалотиён 6:2).

Мо ҳангоми дуо гуфтан ба кӣ муроҷиат мекунем?



*Худои азиз, ман хурсандам, ки бо Ту ҳар вақт гуфтугӯ карда метавонам. Ман инчунин хурсандам, ки бо дигар одамоне ки Исоро дӯст медоранд, дуо карда метавонам. Омин.*

# Суруд хондан

Вақте ки мо суруд мехонем, мо мусиқии зебоеро бо овозҳои худ меофарем. Баъзан одамон якҷоя дар хор суруд мехонанд. Мо Худоро ҷалол медиҳем, вақте ки дар бораи Ӯ суруд мехонем ва вақте ки ба Ӯ суруд мехонем. Сурудҳои моро гӯш кардан ба Ӯ маъқул аст.

Китоби Муқаддас ба мо мегӯяд, ки вақте ки ба Худо суруд мехонем, бояд хурсанд бошем. Он мегӯяд: „Пеши Ӯ бо таронасароӣ биёед“ (Забур 99:2).

Суруди дӯстдоштаро дар бораи Исо бихонед. Оё шумо суруди „Исо маро дӯст медорад“-ро медонед?



*Исои азиз, раҳмат ба Ту, ки маро дӯст медорӣ.*
*Ман ҳам Туро дӯст медорам.*
*Барои зиёдтар Туро дӯст доштан ба ман*
*кӯмак кун Омин.*

# Сурудҳои мадҳия

Вақте ки ҳар як кас дар калисо якҷоя суруд мехонад, мо одатан сурудҳоеро мехонем, ки мадҳия ном доранд. Хондани сурудҳои мадҳия ба мо барои фикр кардан дар бораи Худо ёрдам мекунанд. Мо Худоро ҷалол медиҳем, вақте ки якҷоя сурудҳои мадҳияро мехонем. Мо дар ҷойҳои дигар низ сурудҳои мадҳияро хонда метавонем. Мо Худоро бо хондани сурудҳои мадҳия ҳар вақт ва дар ҳама ҷо парастиш карда метавонем.

Баъзе сурудҳои мадҳия аз тарафи одамоне ки вақтҳои бисёр пеш зиндагӣ мекарданд, навишта шуда буданд. Онҳо Исоро дӯст медоштанд ва ба мо сурудҳоеро додаанд, ки мо ҳанӯз ҳам ба Ӯ хонда метавонем.

Оё ҳамроҳи дигар одамоне ки Исоро дӯст медоранд, хондани сурудҳои мадҳия ба шумо маъқул аст?



*Худовандо, раҳмат ба Ту барои сурудҳои мадҳия, ки мо дар калисо мехонем. Одамон туро солҳои зиёд дӯст медоштанд. Ман ҳам Туро дӯст медорам! Ба номи Исо. Омин.*

# Қӯрбонӣ кардан

Дар калисои мо қурбонии худ, пулро, ба Худо меорем. Мо Худоро парастиш мекунем, вақте ки қурбонӣ медиҳем. Худо ба мо оилаҳои мо, хӯрок, хонаҳо ва чизеро, ки мо дорем, додааст. Яке аз роҳҳои ба Худо раҳмат гуфтан додани чанд пул барои кори Ӯ мебошад.

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки „Худо он касро дӯст медорад, ки сахӣ бошад“ (2 Қӯринтиён 9:7).

Шумо ба Худо чиро дода метавонед? Шумо муҳаббати худро ба Ӯ дода метавонед. Шояд шумо инчунин ба одамони камбағал хӯрок ва барои кори Худо пул дода метавонед.



*Худои азиз, раҳмат ба Ту барои ҳама чизе ки ба ман додаӣ. Ман хурсандам, ки ба Ту қурбонӣ дода метавонам, то нишон диҳам, ки ман Туро дӯст медорам. Омин.*

# Гӯш кардан

Мо Худоро парастиш мекунем, вақте ки гӯшҳои худро барои гӯш кардани Китоби Муқаддас истифода мебарем. Кӯдакон ба ҳикояҳои Китоби Муқаддас гӯш мекунанд. Онҳо муаллимонеро, ки калимаҳоро мефаҳмонанд, гӯш мекунанд. Калонсолон ва кӯдакон вақте ки касе дар калисо Китоби Муқаддасро хонад, гӯш мекунанд. Онҳо шубонеро, ки Китоби Муқаддасро мефаҳмонад, гӯш мекунанд.

Чӣ хел калонсолон ин қадар бисёр омӯхтаанд? Онҳо гӯш карда буданд. Шумо ҳам инро карда метавонед, махсусан дар калисо. Шумо бисёр чизро аз Китоби Муқаддас омӯхта метавонед, агар гӯш кунед.

Ҳикояе дар Китоби Муқаддас ҳаст, ки шумо ҳозир гӯш кардан мехоҳед?



*Худовандо, ба ман ҷунбидан ва ғавғо кардан маъқул аст. Вале, илтимос, ба ман барои ором будан ва бо диққат гӯш кардани муаллимон дар мактаби якшанбегӣ ва калисо ёрдам кун. Омин.*

# Омӯхтан

Мо дар бораи Худо ва Писари Ӯ дар калисо омӯхта метавонем. Мо ба воситаи гӯш кардани Китоби Муқаддас меомӯзем. Мо ба воситаи сохтани чизҳо меомӯзем. Мо инчунин ба воситаи якҷоя бозӣ кардан меомӯзем. Одамоне ки Исоро дӯст медоранд, ба ҳамдигар барои омӯхтан кӯмак карда метавонанд, то дар бораи Ӯ ҳама чизро донанд.

Кӣ ба шумо барои дар бораи Исо омӯхтан кӯмак мекунад? Оё шумо ягон чизро номбар карда метавонед, ки ба шумо барои хотиррасон кардани ҳикояи Китоби Муқаддас кӯмак кардааст? Чӣ ба шумо кӯмак мекунад, то оиди он фикр кунед, ки Исо чӣ рафтореро аз шумо интизор аст?



*Худои азиз, барои омӯхтани ҳама чиз дар бораи Ту аз муаллимонам, аз шубонам ва аз ҳамаи роҳбарони калисо ба ман кӯмак кун. Раҳмат ба Ту барои онҳо. Омин.*

# Таъмид

Дар замонҳои Библия Яҳёи Таъмиддиҳанда ба одамон гуфта буд, ки таъмид гиранд. Дар ин расм Яҳё Исоро таъмид додааст. Исо ба шогирдонаш гуфт, ки одамонро таъмид диҳед. Исо ба мо мегӯяд, ки мо ҳам таъмид гирем. Таъмид ба дигарон имконияти фаҳмидани онро медиҳад, ки мо ба Исо тааллуқ дорем. Имрӯз одамон одатан дар калисо таъмид мегиранд.

Футболбозон либоси якхеларо мепӯшанд, то ки ҳар кас бидонад, ки онҳо дар кадом гурӯҳ ҳастанд. Таъмидшуда будан яке аз роҳҳои ба одамон нишон додани он аст, ки мо пайравӣ кардани Исоро интихоб кардем.

Таъмидёфта будани мо ба дигарон фаҳмидани чиро имконият медиҳад?



*Исои азиз, раҳмат ба Ту, ки ман ба Ту тааллуқ дошта метавонам. Раҳмат ба Ту, ки ман муҳаббати худро ба Ту ба воситаи таъмид гирифтан нишон дода метавонам. Омин.*

# Шоми Худованд

Дар калисо мо Шоми Худовандро дорем. Дар баъзе калисоҳо ин хӯрдани нону шароби табарукии калисо номида мешавад. Онҳое ки Худованд Исоро дӯст медоранд, якҷоя нон мехӯранд ва якҷоя аз пиёла менӯшанд. Ин он аст, ки Исо бо шогирдонаш пеш аз дар салиб мурданаш карда буд.

Шояд шумо ҳайрон мешавед, ки чаро одамон дар Шоми Худованд ин қадар кам мехӯранд ва менӯшанд. Мо ин хӯроки махсусро на аз боиси гурусна буданамон мехӯрем. Мо инро барои ёдоварии он мехӯрем, ки Исо барои мо мурдааст.

Чиро мо дар Шоми Худованд ёдовар мешавем?



*Худовандо, ман хурсандам, ки дар калисоам Шоми Худовандро (хӯрдани нону шаробро) дорем. Ин ба ман барои фикр кардан дар бораи мурданат дар салиб кӯмак мекунад.Раҳмат ба Ту, ки маро зиёд дӯст доштаӣ. Омин.*

# Ҳамкорӣ кардан

Одамоне ки Исоро дӯст медоранд якҷоя ҳамкорӣ карданро дӯст медоранд. Ин маънои онро дорад, ки ба онҳо якҷоя будан маъқул аст. Дӯстони хуб будан ба онҳо маъқул аст, чунки
онҳо як дӯсти беҳтарин, Исоро доранд. Вақте ки масеҳиён ҳамкорӣ мекунанд, онҳо одатан якҷоя мехӯранд ва дилхушӣ мекунанд.

Баъди баргаштани Исо ба осмон, дӯстони вай якҷоя буданро дӯст медоранд. Онҳо „бо дилхушӣ ва самимият бо ҳам хӯрок мехӯрданд“ (Аъмол 2:46).

Вақте ки оилаҳои масеҳӣ бо ҳам ҷамъ мешаванд, кадом корҳои хурсандиоварро карда метавонанд?



*Худованди азиз, барои вақтҳои дилхуше ки ман бо одамон дар оилаи калисоии худ дорам, ташаккур мегӯям. Онҳо маро дӯст медоранд ва ман онҳоро дӯст медорам! Ман ба номи Исо ба Ту шукр мегӯям. Омин.*

# Номгӯйи Калимаҳо бо тартиби алфавит

Абадият *18*
Афсӯс хӯрдан *162*
Аҳди Қадим (Кӯҳна) *38*
Аҳди Ҷадид (Нав) *40*
Аҳком *24*

Бадӣ *148*
Байт-Лаҳм *102*
Бахшидан *152*
Бахшидан *202*
Бовар кардан *160*
Боғи Адан *78*
Бозгашт *140*
Бохирад (доно) *58*

Ваъдаҳо *26*

Гуноҳ *150*
Гӯш кардан *234*

Дар ҳама ҷо *60*
Дӯстдоранда (пурмуҳаббат) *52*
Дуо кардан *196*
Дуоҳо *226*

Ёрдам кардан *204*
Ёрдамчӣ *174*
Ерусалим *118*

Забур (Таронаҳо) *30*
Замин *64*
Зинда *136*
Зиндагии абадӣ *156*

Имон *154*
Инҷилҳо *34*
Исо *90*
Итоат кардан *194*

Қабр *132*
Қабул кардан *164*
Калисо (бино) *210*
Калисо (оила) *212*
Калом *4*
Китоби Муқаддас *2*
Қурбонӣ кардан *232*
Куништ *114*

Лӯлапечҳо (дастнависи печондашуда) *16*

Мавъиза кардан *218*
Мадҳ кардан *198*
Мардҳои хирадманд (Мунаҷҷимон) *108*
Масеҳиён *214*
Маслиҳатдиҳанда *172*
Маъбад *116*
Меҳрубонӣ *186*
Моҳӣ *70*

Муаллим (Устод) *96*
Муқаддас *56*
Мулоимат (нармдилӣ) *190*
Муҳаббат *178*
Мӯъҷизаҳо *120*

Навиштаҷот *6*
Намуна *126*
Наҷот *144*
Наҷот додан *146*
Наҷотдиҳанда *92*
Некӣ *188*
Нек *50*
Хуб *80*
Номаҳо *36*
Носира *112*
Нусхабардорон *14*

Оғил *104*
Одамон *76*
Омӯхтан *236*
Осмон *138*
Осмон *66*
Офаридгор *44*
Охур (ҷои хӯрокхӯрии ҳайвонот) *106*

Падари осмонӣ *46*
Парастиш *224*
Паррандагон *72*
Пешгӯӣ *32*
Пурқудрат (пурқувват) *54*

Растаниҳо *68*
Роҳбарон *220*
Рӯҳи Муқаддас *170*

Салиб *130*
Сулҳу осоиштагӣ *182*
Суруд хондан *228*
Сурудҳои мадҳия *230*

Таваккал кардан *166*
Таъмид *238*
Таърих *22*
Тоқат *184*

Фариштаҳо *84*

Ҳайвонот *74*
Ҳақиқат (ростӣ) *12*
Ҳамкорӣ кардан *242*
Ҳикояҳо *28*
Худо *10*
Худованд *94*
Хурсандӣ (шодӣ) *180*

Чӯпони нек *122*
Чӯпонон *100*

Шайтон *86*
Шаҳодат *206*
Шогирдон *124*
Шоми Худованд *240*
Шубон *216*
Шукр кардан *200*

# Дар бораи Муаллиф

Уиллиам (Билл) О. Ноллер директори Чопкунии Тиндейл Ҳаус (Tyndale House)-и байналмилалӣ мебошад. Мактаби Илоҳишиносии Тринити Евангеликал (Trinity Evangelical Divinity School)-ро хатм карда, Билл сиву панҷ сол дар маорифи масеҳӣ ва чоповарии масеҳӣ иштирок мекунад.

Ӯ барои ба забонҳои ҳориҷӣ чоп кардани китобҳои масеҳӣ бисёр мамлакатҳои ҳориҷаро сафар мекунад.

Билл бо ҳамсараш, Диана Лии, дар шаҳри Сан Димас, иёолоти Калифорния зиндагӣ мекунад. Ин орзӯи ӯ буд, ки ба тамоми кӯдакони ҷаҳон ёрӣ расонад, то ки онҳо аз Китоби Муқаддас калимаҳои асосии имони масеҳиятро фаҳмида тавонанд. Барои инро амалӣ гардондан, Билл ин китобро аз рӯи нақшаи доктринаи содда ташкил намуд. Дӯсти Билл, Кеннет Тэйлор, то ба анҷом расондани ин нусхаи аввалинаш ба вай ёрӣ дод. Ва доктор Уиллиам Ф. Керр маслиҳатҳо ва пешниҳодҳои қимматбаҳоро баён кард.

Кеннет Н. Тэйлор ҳамчун муаллифи „The Living Bible“, ки ба воситаи як гурӯҳи олимони Китоби Муқаддас ислоҳ шуда, номи „The New Living Translation“ гузошта шуд, машҳур мебошад. Аммо ӯ чун муаллифи китобҳои бачагона бештар номдор аст. Кеннет ва ҳамсари ӯ, Маргарет, даҳ фарзанди калонсол ва якчанд наберҳоро доранд. Китобҳои аввалини Кеннет бисёртар барои дар оилаҳо гузаронидани парастишҳо навишта шудаанд. Ин китобҳо танҳо баъд аз тафтиши ҷиддии мунақидон аз чоп баромаданд ва аллакай ду насл

кӯдакони тамоми ҷаҳон онҳоро хонда истодаанд, номи ин китобҳо „The Bible in Pictures for Little Eyes“ (Moody Press), „Devotions for the Childrens’ Hour“ (Moody Press), „The Living Bible Story Book“ (Tyndale House), and „Big Thoughts for Little People“ (Tyndale House).

Китоби „Аввалин Калимаҳои Китоби Муқаддаси Ман: My First Bible Words“ -и Кеннет Тейлор бо китоби „Аввалин Суратҳои Китоби Муқаддаси Ман: My First Bible in Pictures“ алоқаи зич доранд.

# Дар борои Иллюстратор

Корберт Готиер бо ҳамсараш Сузан ва се фарзандаш дар шаҳри Миннеаполис, дар иёолоти Миннесота зиндагӣ мекунад.

Ӯ соли 1983 коллиҷи Art and Design-ро хатм карда, аз тарафи ‘Society of Illustrators, Print Design Annual, and Communications Arts’ фахрнома гирифт.

Корберт дар шоҳаи расмкашии рангаҳои равғании (маслом) реалӣ ҳунарманд шуд. Иллюстратсияи вай ҳар хел истифода бурда шудааст, мисол барои реклама, барои дизайни коғаз барои пенчондан, барои плакатҳо, барои муқоваи китобҳо.

Гарчанде Корберт дар чандин проекти китоб иштирок кардааст, вале махсусан дар проекти „Аввалин Калимаҳои Китоби Муқаддаси Ман: My First Bible Words“ хурсандии ниҳоят *зиёдро* ҳис кард. Ӯ мегӯяд: „Имонамонро бо фарзандонамон тақсим кардан ҳамчун болидан вазифаи аз ҳама муҳимтарин мебошад. Яке аз роҳҳои иҷро кардан ин кор китоби «Аввалин Калимаҳои Китоби Муқаддаси Ман: My First Bible Words» аст“.

## *Биеёд, асоси фаҳмиши Китоби Муқаддасро созем!*

Кудакон ёд гирифтани калимаҳои наверо дӯст медоранд. Фарзанди шумо аз хондани китоби «Аввалин Калимаҳои Китоби Муқаддаси Ман» зиёд аз 100 калимаҳои муҳим ва наверо аз Китоби бузургтарини ҳамавақтаро ёд мегиранд, ки яъне он Китоби Муқаддас (Библия) мебошад! Барои фаҳмидан содда ва осон мебошад. «Аввалин Калимаҳои Китоби Муқаддаси Ман» бо ҳақиқатҳои муҳими Китоби Муқаддаро шинос мекунад, ки фарзанди шумо дар бораи Китоби Муқаддас ва имондории масеҳӣ фаҳмиши беҳтарро пайдо мекунад.
Ба кӯдакони калонтар низ ин даструамалро худашон хондан маъкул мешавад!

Барои ҳар хониши пешниҳод шудааст:

- Омхӯхтани Китоби Муқаддас бо калимаҳои аз Китоби Муқаддас
- Як фаъоляти шавковар; мисол, сурудеро хондан ё як кори некро иҷро кардан
- Кашидани расми зебои ранга

Чун як оила хондани «Аввалин Калимаҳои Китоби Муқаддаси Ман» хеле хуб аст ва ин китоб аз байни салалаи «Аввалин Китоби Муқаддаси Ман» аз ҳама ҳозира чуп шуда аст. Агар шумо ва фарзандатон хондани «Аввалин Китоби Муқаддаси Ман бо суратҳо» ва «Китоби Муқаддасти Ҳурди Ман бо суратҳо» маъқул шуда бошад, пас хондани «Аввалин Калимаҳои Китоби Муқаддаси Ман» ҳам ба шумо маъқул мешавад.